**Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Факултети Муносибатҳои байналмилалӣ**

**Кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатӣ**

# Ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷа (имтиҳон)

**барои донишҷӯёни курси 4-уми факултети Муносибатҳои байналмилалӣ гурӯҳҳои А,Б,В,Г. барои соли хониши 2019-2020 (семестри тирамоҳӣ)**

**Мураттиб: Асоев А. П. тел 988-50-51-51.**

**Душанбе - 2019**

Тасдиқ мекунад
мудири кафедраи ҳуқуқ ва
ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
н.и.ҳ., дотсент Каримов А.

Тестҳои Ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷа.

Омӯзгор: Асоев А. П. Барои курсӣ курси 4
муносибатҳои байналмилалӣ

**@1.Мафҳуми ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ?**

$A) Ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ аз маҷмӯи меъёрҳое иборат аст, ки он асосҳои сохти давлатӣ, асосҳои сохти ҷамъиятӣ, сохти марзию маъмурӣ, низоми интихоботӣ ва фаъолияти макомоти давлатиро ба танзим медарорад;
$B) Ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар ҳар як давлати алоҳида иборат аст аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки онҳо асосҳои сохти ҷамъиятию давлатӣ (асосҳои сохтори конститутсионӣ), асосҳои вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, шакли идоракунӣ ва реҷаи сиёсӣ, инчунин тарзи ташкилёбӣ ва фаъолияти мақомоти давлатиро мустаҳкам намуда ва танзим менамояд;
$C) Ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун соҳаи хуқуқ маҷмӯи дониш ва ақидаҳое мебошад, ки он асосҳои сохти ҷамъиятию давлатӣ (асосҳои сохтори конститутсионӣ), асосҳои вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, шакли идоракунӣ, реҷаи сиёсӣ ва фаъолияти мақомоти давлатиро меомӯзад;
$D) Ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ асосҳои сохти ҷамъиятӣ, сохти конститутсионӣ, вазъи ҳуқуқии шаҳрванду инсон ва фаъолияти мақомоти давлатиро ба танзим медарорад;
$E) Ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ аз маҷмӯи меъёрҳое иборат аст, ки он асосҳои сохтори конститутсионӣ, сохтори давлатӣ, вазъи ҳуқуқии инсонро меомӯзад ва ба тартиб медарорад;

**@2.Мафҳуми меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ?**

$A) Меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ гуфта қоидаҳои умумиҳатмии рафторро меноманд, ки аз тарафи давлат бо мақсади ба танзим даровардан ва ҳифз намудани муносибатҳои ҷамъиятие, ки мавзӯи ҳуқуқи конститутсиониро дар бар мегиранд муқаррар ё иҷозат дода мешавад;
$B) Меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ин он қоидаҳои умумиҳатмии рафторест, ки аз тарафи давлат бо мақсади ба танзимдаровардани муносибатҳои ҷамъияти муқаррар карда мешаванд;
$C) Меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ гуфта он меъёрҳои ҳуқуқиеро меноманд, ки бо мақсади ҳифз намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ аз тарафи давлат муқаррар ва иҷозат дода мешавад;
$D) Меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ қоидаҳои умумиҳатмии рафторе мебошанд, ки муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим медароранд;
$E) Меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ он меъёрҳои ҳуқуқие мебошанд, ки бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ аз тарафи давлат муқаррар ва иҷозат дода мешавад;

**@3.Хусусиятҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ?**

$A) Меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим дароварда, танҳо аз гипотеза ва диспозитсия иборат мебошад ва дар сохтори онҳо санксия умуманд дида намешавад;
$B) Меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, аввалан, муносибатҳои васеъ ва гуногуни ҷамъиятиро ба танзим медароранд, сониян, меъёрҳои ҳуқуқӣ- конститутсионӣ мавқеи инсон ва шаҳрвандро дар ҷомеа ва дар давлат муайян менамоянд ва баъдан меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ аз рӯи сохторашон фарқ мекунанд, яъне на ҳама вақт дар як маврид дорои гипотеза, диспозитсия ва санксия мебошанд;
$C) Меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ пеш аз ҳама мавқеи шаҳрвандро дар ҷомеа муайян намуда ва муносибатҳои ҷамъиятиро дар мазмуни пуррааш ба танзим медарорад;

$D) Меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дорои санксия диспозитсия ва санксия буда, танҳо муносибатҳои васеи ҷамъиятиро ба танзим медароранд;
$E) Меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, аввалан, муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро ба танзим медароранд, сониян, мавқеи шахсро муайян менамоянд ва баъдан сохторашон танҳо аз гипотеза, диспозитсия иборат мебошад;

**@4.Таснифи меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ?**

$A) Аз рӯи нишонаҳои расмӣ-ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсиониро аз рӯи самти таъинотӣ (ба меъёрҳои танзимкунанда ва ҳифзкунанда), аз рӯи таъсиррасониашон ба субъектҳои ҳуқуқ (ба меъёрҳои ваколатдоркунанда, вазифадоркунанда ва манъкунанда), аз рӯи мӯҳлати амал (доимӣ, муваққатӣ ва истисноӣ) ва аз рӯи характери ба танзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ (ба меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ) тасниф кардан мумкин аст;
$B) Аз рӯи шакли сохти давлатӣ ва реҷаи сиёсӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ (ба меъёрҳои ягона, иттифоқӣ, демократӣ ва ғайри демократӣ) тасниф кардан мумкин аст;
$C) Аз рӯи шакли идоракунӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ (ба меъёрҳои монархӣ ва ҷумҳуриявӣ) тасниф кардан мумкин аст;
$D) Аз рӯи дараҷаи муҳимият ва қувваи ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқи конститусионӣ (ба меъёрҳои асосӣ ва ғайриасосӣ, аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа) тасниф кардан мумкин аст;
$E) Аз рӯи реҷаи сиёсӣ (ба меъёрҳои демократӣ, ғайридемократӣ ва тоталитарӣ) тасниф кардан лозим аст;

**@5.Мафҳуми падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ?**

$A) Падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ гуфта маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиеро меноманд, ки онҳо муносибатҳои якхела ва ба ҳам алоқаманди ҷамъиятиро мустаҳкам ва ба танзим дароварда, дар маҷмӯъ гурӯҳи алоҳидаро ташкил медиҳанд, яъне ин маҷмӯи меъёрҳои якхела ва ба ҳам монанди ҳуқуқӣ конститутсионие мебошанд, ки муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятиро ба танзим медароранд;

$B) Падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ гуфта маҷмӯи он меъёрҳои ҳуқуқиеро меноманд, ки онҳо муносибатҳои гуногун ва васеи ҷамъиятиро ба танзим медароранд;
$C) Падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ гуфта маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятиро меноманд, ки онҳо тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд;
$D) Падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ ин маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва қонуният мебошад;
$E) Падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ маҷмӯи қонунҳо ва санадҳои зерқонуние мебошанд, ки онҳо муносибатҳои алоҳидаро ба танзим медароранд;

**@6.Сохтори ҳуқуқи конститутсионӣ гуфта чиро дар назар доранд?**

$A) Сохтори ҳуқуқи конститутсионӣ аз ду қисм (умумӣ ва махсус) иборат будани онро дар назар дорад;
$B) Сохтори ҳуқуқи конститутсионӣ гуфта маҷмӯи алоқаи устувори байни падидаҳои онро дар назар доранд;
$C) Сохтори ҳуқуқи конститутсионӣ гуфта аз чанд фасл, боб ва мавзӯҳо иборат будани он дар назар дошта мешавад;
$D) Сохтори ҳуқуқи конститутсионӣ танҳо аз як қисм - қисми умумӣ иборат будани он дар назар дошта мешавад, ки он дар навбати худ ба фаслҳои алоҳида ҷудо мешавад;
$E) Сохтори ҳуқуқи конститутсионӣ аз фаслҳои алоҳидаи махсус иборат аст;

**@7.Мафҳуми муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ?**

$A) Муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ он гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятиеро меноманд, ки дар ҷараёни ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ ба вуҷуд меоянду тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ва низоми ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд;
$B) Муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ гуфта он муносибатҳоеро меноманд, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд ва мавқеи иштирокчиёнро муайян намуда, ҳуқуқу вазифаҳояшонро муқаррар мекунанд;

$C) Муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ гуфта он муносибатҳои ҷамъиятие (ба асосҳои сохти конститутсионӣ ё ҷамъиятӣ, шаклҳои давлат, асосҳои вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, тарзи ташкилёбӣ, салоҳият ва тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ тааллуқ дошта)-ро меноманд, ки дар ҷараёни амалӣ гардидани ҳокимяти давлатӣ ба вуҷуд меоянду аз тарафи меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ба танзим дароварда мешаванд;
$D) Муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ гуфта он гурӯҳи муносибатҳои ҳуқуқиеро меноманд, ки дар натиҷаи таъсири меъёрҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд;
$E) Муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ он гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятиро меноманд, ки дар натиҷаи таъсири қонунҳо ва дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянду муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ шуда метавонад;

**@8.Мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ?**

$A) Сарчашмаи ҳуқуқи конститутисионӣ маънои ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқиро дорад;
$B) Сарчашмаи ҳуқуқи конститутсионӣ дар маънои расмӣ-ҳуқуқиаш маънои шакли зоҳирии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсиониро дорад;
$C) Сарчашмаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ маънои ифодаёбии муносибатҳои ҳуқуқиро дорад;
$D) Сарчашмаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ маънои ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқиро дар муносибатҳои ҳуқуқӣ дорад;
$E) Сарчашмаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ маънои ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқиро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ дорад;

**@9.Амсоли судӣ гуфта чӣ дар назар дошта мешавад?**

$A) Амсоли судӣ гуфта қарори пеш қабул кардаи судро меноманд, ки татбиқи онҳо ҳамчун намуна дар ҳалли баҳсҳои ба ҳам монанд ҳатмӣ мебошанд, яъне ин қарори судиест, ки ҳамчун намуна ё ҳаммонанд барои баровадани қарор доир ба парвандаи мазкур татбиқ мешавад;

$B) Амсоли судӣ гуфта одати ҳуқуқиро меноманд, ки дар давраҳои тӯлонӣ татбиқ карда шуда, ҳамчун анъана истифода бурда мешаванд;
$C) Амсоли судӣ гуфта санади меъёрӣ-ҳуқуқиеро меноманд, ки он муносибатҳои муайяни ҷамъиятиро ба танзим медарорад;
$D) Амсоли судӣ гуфта ҳукми судро доир ба ягон парвандаи ҷиноятӣ дар назар дошта мешавад;
$E) Амсоли судӣ гуфта муносибати мақоми судиро доир ба парвандаи шаҳрвандӣ меноманд, ки бояд он дар мурофиаи судӣ мавриди баррасӣ гардад;

**@10.Оё чунин илми ҳуқуқшиносӣ бо номи илми ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ вуҷуд дорад?**

$A) Оре, дар ҳақиқат чунин илм бо номи илми ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ мавҷуд аст, ки он яке аз илмҳои асосӣ ва муҳими ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад;
$B) Илми ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ умуман вуҷуд надорад;
$C) На бо номи илми ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ, балки ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун илм мавҷуд аст;
$D) Дар илми ҳуқуқшиносӣ илми ягона бо номи илми ҳуқуқи конститутсионӣ мавҷуд аст, гарчанде фарқият дар нуқтаи назар ва методҳои омӯзишу таҳлил дида мешаванд, бинобар ин илми ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ характери комплексӣ дорад;
$E) Дар ҳар як мамлакат илми ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ дида мешавад;

**@11.Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мафҳуми конститутсия дар ду маъно фаҳмида мешавад, аз ин рӯ, кадоме аз ҷавобҳои зерин дуруст мебошанд?**

$A) Дар маънои  расмӣ ва дар маънои моддӣ;
$B) Дар маънои расмӣ ва дар маънои ҳуқуқӣ;
$C) Дар маънои ҳақиқӣ ва дар маънои моддӣ;
$D) Дар маънои ҳуқуқӣ ва дар маънои моддӣ;
$E) Дар маънои навишташуда ва ё дар маънои нонавишташуда;

**@12.Кадоме аз ҷавобҳои зерин дурустанд?**

$A) Дар маънои расмиаш конститутсияи ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад;
$B) Дар маънои расмиаш конститутсияи навишташуда дар назар дошта мешавад;
$C) Дар маънои расмиаш конститутсияи ҳақиқӣ фаҳмида мешавад;
$D) Дар маънои расмиаш конститутсияи халқӣ фаҳмида мешавад;
$E) Дар маънои расмиаш конститутсияи доимӣ фаҳмида мешавад;

**@13.Кадоме аз ҷавобҳои зерин дурустанд?**

$A) Дар маънои моддиаш конститутсияи ҳақиқӣ фаҳмида мешавад;
$B) Дар маънои моддиаш конститутсияи ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад;
$C) Дар маънои моддиаш конститутсияи муваққатӣ фаҳмида мешавад;
$D) Дар маънои моддиаш конститутсияи қатъӣ фаҳмида мешавад;
$E) Дар маънои моддиаш конститутсияи халқӣ фаҳмида мешавад;

**@14.Конститутсияи ҳуқуқӣ чист?**

$A) Конститутсияи ҳуқуқӣ гуфта қонуни асосии давлатро меноманд, ки он аз санад ё ҳуҷҷати қувваи олии ҳуқуқӣ дошта иборат буда, бо тартиби мухсус аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ (парламент, маҷлиси муассисон) ё халқ (ба тариқи раъйпурсӣ) қабул карда мешавад;
$B) Конститутсияи ҳуқуқӣ гуфта қонуни асосии давлатро меноманд, ки он тартиби реалии ба амал баровадани ҳокимияти давлатиро дар худ ифода менамояд;
$C) Конститутсияи ҳуқуқӣ гуфта қонуни асосии давлатро меноманд, ки он аз ҳуҷҷати алоҳидае иборат мебошад, ки он вазъияти ҳақиқиро дар худ ифода менамояд;
$D) Конститутсияи ҳуқуқӣ гуфта ҳуҷҷати расмиеро меноманд, ки он дар давраи тӯлонӣ амал карда ва хусусияти асосиаш қатъият мебошад;
$E) Конститутсияи ҳуқуқӣ гуфта ҳуҷҷати алоҳидаи ҳуқуқиеро меноманд, ки дар гуногун таъинотӣ ифода ёфта ва таъсири худро ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ мерасонад;

**@15.Конститутсияи ҳақиқӣ чист?**

$A) Конститутсияи ҳақиқӣ гуфта чунин конститутсияро меноманд, ки он тартиби реалии ба амал баровардани ҳокимияти давлатиро ифода менамояд;
$B) Конститутсияи ҳақиқӣ гуфта қонуни асосии давлатро меноманд, ки он муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим медарорад;
$C) Конститутсияи ҳақиқӣ гуфта қонуни асосии давлатро меноманд, ки он самтҳои асосии фаъолияти давлатро ба танзим медарорад;
$D) Конститутсияи ҳақиқӣ гуфта ҳуҷҷати расмӣ-ҳуқуқиеро меноманд, ки он тарзи ташкилёбӣ ва фаъолияти мақомоти давлатиро мустаҳкам менамояд;
$E) Конститутсияи ҳақиқӣ гуфта санади ҳуқуқиеро меноманд, ки он аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат буда, самтҳои муҳими фаъолияти давлатиро ба танзим медарорад;

**@16.Аз рӯи шакл кадом намудҳои конститутсияи мамлакатҳои хориҷиро медонед?**

$A) Аз рӯи шакл ду намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ мавҷуданд: конститутсияҳои навишта шуда ва конститутсияҳои нонавишта;
$B) Аз рӯи шакл ду намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ дида мешавад: конститутсияҳои хаттӣ ва шифоӣ;
$C) Аз рӯи шакл се намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: конститутсияҳои навишта шуда, шифоӣ ва нонавишта;
$D) Аз рӯи шакл ду намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: конститутсияҳои тақдимшуда ва конститутсияҳои халқӣ;
$E) Аз рӯи шакл ду намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: конститутсияҳои навишта шуда ва конститутсияҳои халқӣ;

**@17.Аз рӯи тартиби қабул кадом намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷиро медонед?**

$A) Аз рӯи тартиби қабул ду намуди конститутсияҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: конститутсияҳои тақдимшуда ва конститутсияҳои халқӣ;
$B) Аз рӯи тартиби қабул ду намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: конститутсияҳои демократӣ ва конститутсияҳои ғайридемократӣ;
$C) Аз рӯи тартиби қабул ду намуди конститутсияҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: конститутсияҳои доимӣ ва конститутсияҳои муваққатӣ;
$D) Аз рӯи тартиби қабул се намуди конститутсияҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: конститутсияҳои навишташуда, конститутсияҳои шифоӣ ва конститутсияҳои нонавишта;
$E) Аз рӯи тартиби қабул ду намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: конститутсияҳои қатъӣ ва конститусияҳои мӯътадил;

**@18.Аз рӯи тартиби ворид намудани тағйироту иловаҳо ба конститутсия кадом намудҳои конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷиро медонед?**

$A) Аз рӯи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба конститутсия ду намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: конститутсияҳои чандирӣ ва конститутсияҳои мураккаб;
$B) Аз рӯи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба конститутсия ду намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ кардан мумкин аст: конститутсияҳои тақдимшуда ва конститутсияҳои халқӣ;
$C) Аз рӯи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба конститутсия ду намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: конститутсияҳои қатъӣ ва доимӣ;
$D) Аз рӯи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба конститутсия ду намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: тақдимшуда ва муваққатӣ;
$E) Аз рӯи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба конститутсия конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷиро ба ду намуд тақсим менамоянд: конститутсияҳои муқаррарӣ ва конститутсияҳои фавқулодда;

**@19.Аз рӯи мӯҳлати амал кадом намудҳои конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷиро медонед?**

$A) Аз рӯи мӯҳлати амал конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ ба ду намуд ҷудо мешаванд: конститутсияҳои доимӣ ва конститутсияҳои муваққатӣ;
$B) Аз рӯи мӯҳлати амал конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷиро ба ду намуд ҷудо менамоянд: ба конститутсияҳои доимӣ ва конститутсияҳои истисноӣ;
$C) Аз рӯи мӯҳлати амал конститусияҳои мамлакатҳои хориҷиро ба ду намуд ҷудо менамоянд: ба конститутсияҳои муқаррарӣ ва конститутсияҳои муваққатӣ;
$D) Аз рӯи мӯҳлати амал конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷиро ба ду намуд ҷудо менамоянд: ба конститутсияҳои қатъӣ ва конститутсияҳои мӯътадил;
$E) Аз рӯи мӯҳлати амал конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷиро ба се намуд ҷудо менамоянд: ба конститутсияҳои доимӣ, муваққатӣ ва истисноӣ;

**@20.Аз рӯи тартиби бекоркунӣ кадом намудҳои конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷиро медонед?**

$A) Аз рӯи тартиби бекоркунӣ ду намуди бекоркунии конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: бекоркунии муқаррарии конститутсияҳо ва бекоркунии фавқулоддаи конститутсияҳо;
$B) Аз рӯи тартиби бекоркунӣ конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ ба ду намуд ҷудо мешаванд, бекоркунии ягонаи конститутсия ва бекоркунии фавқулоддаи конститутсия;
$C) Аз рӯи тартиби бекоркунӣ ду намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: бекоркунии қатъии конститутсияҳо ва бекоркунии мӯътадили конститутсияҳо;
$D) Аз рӯи тартиби бекоркунӣ ду намуди бекоркунии конститутсияҳо фарқ карда мешаванд: бекоркунии доимии конститутсияҳо ва бекоркунии муваққатии конститутсияҳо;

$E) Аз рӯи тартиби бекоркунӣ ду намуди бекоркунии конститутсияҳо фарқ карда мешаванд: бекоркунии шифоии конститутсияҳо ва бекоркунии муваққатии конститутсияҳо;

**@21.Таснифи конститутсия вобаста ба муқарраркунии шакли идоракунии давлатӣ чӣ гуна мебошад?**

$A) Вобаста ба шакли идоракунӣ ду намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: конститутсияҳои монархӣ ва конститутсияҳои ҷумҳуриявӣ;
$B) Вобаста ба шакли идоракунӣ ду намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд, конститутсияҳои ҷумҳурии президентӣ ва конститутсияҳои ҷумҳурии нимпрезидентӣ;
$C) Вобаста ба шакли идоракунӣ ду намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: конститутсияҳои ягона ва конститутсияҳои иттифоқӣ;
$D) Вобаста ба шакли идоракунӣ чор намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: конститутсияҳои монархияи конститутсионӣ, конститутсияҳои монархияи маҳдуд, конститутсияҳои монархияи дуалистӣ ва конститутсияҳои монархияи парламентӣ;
$E) Вобаста ба шакли идоракунӣ чор намуди конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷӣ фарқ карда мешаванд: конститутсияҳои ҷумҳурии президентӣ, конститутсияҳои ҷумҳурии парламентӣ, конститутсияҳои ҷумҳурии нимпрезидентӣ ва конститутсияҳои ҷумҳуриҳои омехта;

**@22.Сохтори Конститутсия аз кадом қисматҳо иборат мебошад?**

$A) Сохтори Конститутсия аз се қисм: муқаддима, матни асосӣ ва қисми хотимавӣ ё иловаҳои конститутсионӣ иборат мебошад;
$B) Сохтори Конститутсия аз ду қисм иборат мебошад: муқаддима ва матни асосӣ;
$C) Сохтори Конститутсия аз чор қисм: муқаддима, матни асосӣ, хотимавӣ ва дебоча иборат мебошад;
$D) Сохтори Конститутсия на қисмҳо, балки аз фаслу бобҳо иборат мебошад;

$E) Сохтори Конститутсия аз матни асосӣ, муқаддима ва моддаҳо иборат мебошад;

**@23.Аз рӯи реҷаи сиёсӣ конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷиро ба чанд намуд ҷудо менамоянд?**

$A) Аз рӯи реҷаи сиёсӣ конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷиро ба се намуд ҷудо менамоянд: конститутсияҳои демократӣ, ғайридемократӣ ва диктаторӣ;
$B) Аз рӯи реҷаи сиёсӣ конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷиро ба ду намуд ҷудо менамоянд: конститутсияҳои демократӣ ва конститутсияҳои авторитарӣ (ғайридемократӣ);
$C) Аз рӯи реҷаи сиёсӣ конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷиро ба ду намуд ҷудо менамоянд: конститутсияҳои ягона ва конститутсияҳои демократӣ;
$D) Аз рӯи реҷаи сиёсӣ конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷиро ба чор намуд ҷудо менамоянд: конститутсияҳои демократӣ, конститутсияҳои ғайридемократӣ, конститутсияҳои диктаторӣ ва конститутсияҳои иттифоқӣ;
$E) Аз рӯи реҷаи сиёсӣ конститутсияҳои мамлакатҳои хориҷиро ба ду намуд ҷудо менамоянд: конститутсияҳои ягона ва конститутсияҳои иттифоқӣ;

**@24.Мафҳуми конститутсияи навишташударо шарҳ диҳед?**

$A) Конститутсияи навишташуда ҳамчун қоида аз як ё якчанд санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ иборат буда он бо тартибе, ки барои конститутсия муқаррар шудааст дар шакли хаттӣ қабул шуда ва самтҳои асосии фаъолияти давлатро ба танзим медарорад;
$B) Конститутсияи навишташуда танҳо аз як санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ иборат буда он баъзе муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад;
$C) Конститутсияи навишташуда ҳамчун қоида аз якчанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ иборат буда танҳо муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсиониро ба танзим медарорад;
$D) Конститутсияи навишташуда аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ, амсолияи судӣ ва одатҳои конститутсионӣ иборат буда муносибатҳои ҳуқуқиро мустаҳкам менамоянд;

$E) Конститутсияи навишташуда аз ҳуҷҷати ҳуқуқӣ, санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва одати конститутсионӣ иборат буда онҳо муносибатҳои ҷамъиятиро мустаҳкам ва ба танзим медароранд;

**@25.Мафҳуми конститутсияи нонавиштаро шарҳ диҳед?**

$A) Конститутсияи нонавишта ҳамчун қоида аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ, амсоли судӣ ва одатҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки онҳо дар як низоми муайян даровrouted нашудаанд, гарчанде муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ (падидаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ)-ро ба танзим дароранд ҳам, аммо расман ҳамчун қонуни асосии давлат эълон нашудаанд;
$B) Конститутсияи нонавишта ҳамчун қоида дар шакли шифоӣ ифодаи худро ёфта дар ягон ҷой навишта нашудаанд ва муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим медароранд;
$C) Конститутсияи нонавишта ҳамчун қоида аз маҷмӯи санадҳои ҳуқуқӣ иборат буда дар шакли хаттӣ ифодаи худро наёфта, аммо муносибатҳои ҳуқуқиро мустаҳкам менамоянд;
$D) Конститутсияи нонавишта ҳамчун қоида аз одатҳои ҳуқуқӣ иборат буда, на дар шакли хаттӣ, балки дар шакли шифоӣ ифода шуда ва муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим медароранд;
$E) Конститутсияи нонавишта ҳамчун қоида аз амсолияи судӣ иборат буда он муносибатҳои давлатиро ба танзим медарорад;

**@26.Кадом тарзҳои қабули Конститутсияро дар мамлакатҳои хориҷӣ медонед?**

$A) Дар мамлакатҳои хориҷӣ тарзҳои  зерини қабули Конститутсия мавҷуданд: 1) қабули конститутсия аз тарафи сардори давлат 2) қабули конститутсия аз тарафи мақомоти  намояндагӣ (парламент, маҷлиси муассисон, конвенти конститутсионӣ ва ғ. 3) қабули конститутсия аз тарафи корпуси интихоботӣ (бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ);
$B) Дар мамлакатҳои хориҷӣ ду тарзи қабули конститутсия дида мешавад: 1) қабули конститутсия  аз тарафи парламент ва 2) қабули конститутсия бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ;

$C) Дар мамлакатҳои хориҷӣ Конститутсияро танҳо парламент қабул мекунад ва дар баъзе ҳолатҳо дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда мешавад;
$D) Дар мамлакатҳои хориҷӣ Конститутсияро бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул мекунанд;
$E) Дар мамлакатҳои хориҷӣ Конститутсияро мақомоти ҳокимияти иҷроия қабул намуда ва сардори давлат ба халқ тақдим менамояд;

**@27.Намудҳои мақомоти назорати конститутсионӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ кадомҳоянд?**

$A) Дар мамлакатҳои хориҷӣ ду намуди мақомоти назорати конститутсионӣ мавҷуд аст: 1) мақомоти умумии назорати конститутсионӣ (сардори давлат, парламент, ҳукумат, мақомоти прокуратура ва ғ.) ва 2) мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ (Суди конститутсионӣ, Шӯрои конститутсионӣ);
$B) Дар мамлакатҳои хориҷӣ се намуди мақомоти назорати конститутсионӣ мавҷуд аст: 1) мақомоти умумии назорати конститутсионӣ (сардори давлат, парламент, ҳукумат, мақомоти прокуратура ва ғ.), 2) мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ (Суди конститутсионӣ, Шӯрои конститутсионӣ) ва 3) мақомоти умумии назорати конститутсионии судӣ (судҳои ваколати умумӣ дошта);
$C) Дар мамлакатҳои хориҷӣ чор намуди мақомоти назорати конститутсионӣ мавҷуд аст. 1) мақомоти умумии назорати конститутсионӣ (сардори давлат, парламент, ҳукумат, мақомоти прокуратура ва ғ.), 2) мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ (Суди конститутсионӣ, Шӯрои конститутсионӣ), 3) мақомоти судии назорати конститутсионӣ (Суди конститутсионӣ) ва 4) мақомоти ғайрисудии назорати конститутсионӣ (Шӯрои конститутсионӣ);
$D) Дар мамлакатҳои хориҷӣ танҳо як намуди мақомоти назорати конститутсионӣ (Суди конститутсионӣ) мавҷуд аст;
$E) Дар мамлакатҳои хориҷӣ панҷ намуди мақомоти назорати конститутсионӣ мавҷуд аст, 1) мақомоти умумии назорати конститутсионӣ (сардори давлат, парламент, ҳукумат, мақомоти прокуратура ва ғ.), 2) мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ (Суди конститутсионӣ, Шӯрои конститутсионӣ), 3) мақомоти умумии назорати конститутсионии судӣ (судҳои ваколати умумӣ дошта), 4)

мақомоти умумии назорати конститутсионии ғайрисудӣ (Шӯрои конститутсионӣ) ва 5) судҳои зинаи болоӣ (Суди олӣ, Суди конститутсионӣ, Суди олии иқтисодӣ ва Суди арбитражӣ);

**@28.Истилоҳи инсонро маънидод намоед?**

$A) Инсон шахси воқеӣ буда, новобаста аз мансубияташ дорои ҳуқуқу озодиҳои муайян мебошад;
$B) Инсон шахси воқеӣ буда мансубияти давлати алоҳидаро соҳиб мебошад;
$C) Инсон ва шаҳрванд мафҳуми ҳаммаъно мебошанд;
$D) Инсон шахси воқеӣ буда дар ҳудуди давлати алоҳида зиндагӣ мекунад;
$E) Инсон шахси ҳуқуқӣ буда мансубияташ ба эътибор гирифта намешавад;

**@29.Мафҳуми шаҳрвандӣ?**

$A) Шаҳрвандӣ мансубияти ҳуқуқӣ, ё робитаи ҳуқуқии шахс бо мақомоти давлатӣ мебошад, ки байни онҳо робитаҳои гуногуни иқтисодӣ пайдо мешавад;
$B) Шаҳрвандӣ мансубияти шахс бо шахсони дигар, давлатҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад;
$C) Шаҳрвандӣ гуфта мансубияти ҳуқуқӣ, ё робитаи доимӣ-сиёсии шахсро ба давлати алоҳида меноманд, ки дар натиҷаи он байни онҳо ҳуқуқу вазифаҳои муайяне пайдо мешавад;
$D) Шаҳрвандӣ гуфта бемансубиятии ҳуқуқӣ шахсро ба давлати алоҳида меноманд, ки байни онҳо муносибати муайяни ҳуқуқӣ пайдо мешавад;
$E) Шаҳрвандӣ мансубият ё бемансубиятии шахсро ба давлатӣ алоҳида меноманд;

**@30.Тарзҳои соҳиб шудани шаҳрвандӣ мувофиқи илми ҳуқуқи конститутсиониро муайян намоед?**

$A) Дар илми ҳуқуки конститутсионӣ се тарзи соҳиб шудани шаҳрвандӣ мавҷуд аст: филиатсия, натурализатсия ва оптатсия;

$B) Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ ду тарзи соҳиб шудани шаҳрвандӣ фарқ карда мешавад: филиатсия ва натурализатсия;
$C) Илми ҳуқуқи конститутсионӣ се тарзи соҳиб шудани шаҳрвандиро медонад: филиатсия, натурализатсия ва ренатурализатсия;
$D) Илми ҳуқуқи конститутсионӣ ду тарзи соҳиб шуданишаҳрвандиро медонад: филиатсия ва ренатурализатсия;
$E) Илми ҳуқуқи конститутсионӣ ду тарзи соҳиб шудани шаҳрвандиро медонад: ренатурализатсия ва натурализатсия;

**@31.Филиатсия чӣ маъно дорад?**

$A) Филиатсия - соҳиб шудани шаҳрвандӣ аз рӯи таваллуд мебошад;
$B) Филиатсия - қабули шаҳрвандиро мегӯянд;
$C) Филиатсия - интихоби шаҳрвандӣ мебошад;
$D) Филиатсия - аз даст додани шаҳвандиро ифода менамояд;
$E) Филиатсия - барқарор намудани шаҳрвандиро дар назар дорад;

**@32.Натурализатсия чӣ маъно дорад?**

$A) Натурализатсия қабул намудани шаҳвандиро аз рӯи бақайдгирӣ дар назар дорад;
$B) Натурализатсия ин яке аз тарзҳои қатъ гардидани шаҳрвандӣ мебошад;
$C) Натурализатсия ҳамчун тарзи соҳиб шудани шаҳрвандӣ маънои қабул намудани шаҳрвандиро дорад;
$D) Натурализатсия маънои барқарор намудани шаҳрвандиро дорад;
$E) Натурализатсия маънои соҳиб шудани шаҳрвандиро аз рӯи таваллуд дар назар дорад;

**@33.Принсипҳои ҳуқуқи хунӣ ва ҳуқуқи хокӣ дар кадом тарзи соҳиб шудани шаҳрвандӣ истифода бурда мешавад?**

$A) Танҳо дар филиатсия;
$B) Дар натурализатсия;
$C) Дар филиатсия ва ренатурализатсия;

$D) Танҳо дар оптатсия;
$E) Танҳо дар экспатриатсия;

**@34.Принсипи ҳуқуқи хунӣ чӣ маъно дорад?**

$A) Вобастагии мансубияти кӯдак ба мансубияти волидайн ҳангоми таваллуд;
$B) Вобастагии мансубияти кӯдак новобаста аз мансубияти волидайн вобаста ба ҷои таваллуд;
$C) Вобастагии ҷои таваллуди кӯдак ҳангоми муайян намудани шаҳрвандӣ новобаста аз мансубияти волидайн;
$D) Муайян намудани мансубияти кӯдак вобаста ба мансубияти падар;
$E) Вобастагии мансубияти духтар аз мансубияти модар;

**@35.Татбиқи принсипи ҳуқуқи хокӣ ҳангоми муайян намудани мансубияти фарзанд чӣ гуна амалӣ мегардад?**

$A) Мувофиқи ин принсип мансубияти фарзанд новобаста аз мансубияти волидайн вобаста ба ҷои таваллуди кӯдак муайян карда мешавад;
$B) Мувофиқи ин принсип мансубияти фарзанд новобаста аз ҷои таваллуд вобаста ба мансубияти волидайн муайян карда мешавад;
$C) Мувофиқи ин принсип мансубияти фарзанд тибқи қарордод муайян карда мешавад;
$D) Мувофиқи ин принсип новобаста аз мансубияти фарзандро иттиҳодияи ҷамъиятӣ муайян менамояд;
$E) Мувофиқи ин принсип шаҳрвандии фарзанд новобаста аз шаҳрвандии волидайн дар мувофиқа бо падару модар ё бобою модаркалон муайян карда мешавад;

**@36.Қонунгузории давлатҳои хориҷӣ кадом асосҳои соҳибшавии шаҳрвандиро муқаррар менамоянд?**
$A) Аз рӯи таваллуд, қабули шаҳрвандӣ, қабули шаҳрвандӣ тибқи бақайдгирӣ, интихоби шаҳрвандӣ, барқарор намудани шаҳрвандӣ ва ғ;
$B) Аз рӯи таваллуд, ҳангоми вафот, бедарак ғоиб шудан ва ғ.;
$C) Аз рӯи таваллуд ва қабули шаҳрвандӣ;

$D) Аз рӯи таваллуд, тибқи қарордоди байни давлатҳо, ба қайдгирии шиноснома;
$E) Аз рӯи таваллуд ва интихоби шаҳрвандӣ;

**@37.Оптатсия чӣ маъно дорад?**

$A) Интихоби шаҳрвандӣ;
$B) Рад намудани шаҳрвандӣ;
$C) Аз даст додани шаҳрвандӣ;
$D) Қатъ гардидани шаҳрвандӣ;
$E) Қабул намудани шаҳрвандӣ;

**@38.Ренатурализатсия чӣ маъно дорад?**

$A) Барқарор намудани шаҳрвандӣ;
$B) Аз даст додани шаҳрвандӣ;
$C) Интихоби шаҳрвандӣ;
$D) Қатъ гардидани шаҳрвандӣ;
$E) Қабул намудани шаҳрвандӣ;

**@39.Асосҳои қатъ гардидани шаҳрвандӣ?**

$A) Тарки ё рад намудани шаҳрвандӣ, аз даст додани шаҳрвандӣ, маҳрум намудан аз шаҳрвандӣ ва ғ.;
$B) Фавти шаҳрванд, баромадан ба никоҳ ба шаҳрванди хориҷӣ, тарки кишвар;
$C) Фавти шаҳрванд, тарки шаҳрвандӣ ҳангоми мусофират;
$D) Тарки шаҳрвандӣ, рад намудани шаҳрвандӣ, тарки кишвар;
$E) Тарк ё рад намудани шаҳрвандӣ, маҳрум гардидан аз шаҳрвандӣ, фавтидани шаҳрвандӣ;

**@40.Асосҳое, ки барои тарки шаҳрвандӣ монеъ мешаванд?**

$A) Агар дар назди давлат ва шаҳрвандон ӯҳдадорӣ ё ӯҳдадории молумулкии иҷронашуда дошта бошад, агар нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида бошад ё ин ки ҳукми айбдоркунандаи суд ба қувваи қонунӣ даромада бошад ва агар тарки шаҳрвандӣ хилофи амнияти давлат бошад;

$B) Агар доғи судӣ дошта бошад, дар кишвар зиндагӣ накунад, қарзи молумулкӣ дошта бошад;
$C) Агар бемории рӯҳӣ дошта бошад, сирри давлатро донад;
$D) Агар дар назди давлат ва шаҳрвандон ӯҳдадорӣ ё ӯҳдадории молумулкии иҷро нашуда дошта бошад, агар сирри давлатӣ ё ҳарбиро донад, ё ин ки суд шуда бошад;
$E) Агар қонунгузории давлат ва ташкилотҳо тарки шаҳрвандиро иҷозат надиҳад, агар сирри давлатро донад ё ки пеш аъзои парламент интихоб шуда бошад;

**@41.Вазифаи шаҳрванд гуфта чиро мефаҳмед?**

$A) Чораи ҳатмии рафтори шаҳрванд фаҳмида мешавад;
$B) Чораи имконияти рафтори шаҳрванд фаҳмида мешавад;
$C) Чораи имконияти рафтор ва ҳатмии шаҳрванд фаҳмида мешавад;
$D) Вазифаи шаҳрванд фаҳмида мешавад;
$E) Ҳуқуқи шаҳрванд фаҳмида мешавад;

**@42.Ҳуқуқи шаҳрванд гуфта чиро мефаҳманд?**

$A) Чораи имконияти рафтори шаҳрванд фаҳмида мешавад;
$B) Чораи рафтори ҳатмии шаҳрванд фаҳмида мешавад;
$C) Чораи имконият ва рафтори ҳатмии шаҳрванд фаҳмида мешавад;
$D) Низоми ҳатмии қоидаҳои рафтор фахмида мешавад, ки аз тарафи давлат муқаррар ё иҷозат дода мешавад;
$E) Қоидаҳои рафтор фаҳмида мешавад, ки давлат барои шаҳрвандон муқаррар мекунад;

**@43.Ба ҳуқуқу озодиҳои фитрӣ кадом ҳуқуқҳо шомил мешаванд?**

$A) Ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ, дахлнопазирии шахсият, озодии афкор ва виҷдон асрори зиндагии шахсӣ ва робита, сӯҳбатҳои телефонӣ, дахлнопазирии манзил, интихоби маҳалли зист ва озодии мусофират;
$B) Ҳуқуқ ба меҳнат, ба истироҳат, ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳифзи саломатӣ, таҳсилот, истифодаи комёбиҳои фарҳангӣ;
$C) Ҳуқуқ ба интихобот, раъйпурсӣ, озодона муттаҳид шудан ба ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;
$D) Ҳуқуқ ба интихобот, истироҳат, ба кор, ба ҳаёт, озодӣ, мукотибот;

$E) Ҳуқуқ ба озодии мусофират, интихоби ҷои зист, меҳнат, таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи саломатӣ;

**@44.Ба ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ кадом ҳуқуқҳо шомил мешаванд?**

$A) Ҳуқуқ ба таҳсилот, истифодаи комёбиҳои фарҳангӣ, меҳнат, истироҳат, ҳифзи саломатӣ ва таъминоти иҷтимоӣ;
$B) Ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ, меҳнат, истироҳат, корпартоӣ, таъминоти иҷтимоӣ, муҳофизати тандурустӣ;
$C) Ҳуқуқ ба моликият, меҳнат, истироҳат, ҳифзи саломатӣ, озодии виҷдон, вақти дамгирӣ, нафақа ва интихоби ҷои зист;
$D) Ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ, кор, дамгирӣ, нафақагирӣ, таҳсилот ва меҳнат;
$E) Ҳуқуқ ба истироҳат, меҳнат, тандурустӣ, кор, дамгирӣ ва нафақа;

**@45.Ҳуқуқу озодиҳои фарҳангии шаҳрванд кадомҳоянд?**

$A) Ҳуқуқ ба таҳсилот, истифодаи комёбиҳои фарҳангӣ ва озодии эҷодӣ;
$B) Ҳуқуқ ба меҳнат, маълумот, дамгирӣ, китобхонӣ, театр ва кино;
$C) Ҳуқуқ ба таҳсилот, истифодаи комёбиҳои фарҳангӣ, китобхонӣ, озодии эҷодӣ ва ёдгориҳои таърихӣ;
$D) Ҳуқуқ ба таҳсилот, истифодаи комёбиҳои таърихӣ, озодии эҷодӣ;
$E) Ҳуқуқ ба таҳсилот, театр, осорхона, маълумотгирӣ ва озодии техникӣ;

**@46.Ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрванд кадом ҳуқуқҳо ба шумор мераванд?**

$A) Ҳуқуқи интихоботи фаъол ва ғайрифаъол, раъйпурсӣ, ҳуқуқи озодонаи муттаҳидшавӣ дар ташкилоти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, озодии ҷамъомад ва намоишҳо ва ғ.;
$B) Ҳуқуқ ба интихобот ва раъйпурсӣ, ба ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, намоишҳо, таҳсилот, тандурустӣ ва ғ.;
$C) Ҳуқуқ ба интихоботи фаъол, ғайрифаъол, интихобот, раъйпурсӣ ва маълумот;

$D) Ҳуқуқ ба меҳнат, таҳсилот, интихобот, раъйпурсӣ, ҷамъомад ва намоишҳо;
$E) Ҳуқуқ ба интихобот, раъйпурсӣ, меҳнат, ҳизби сиёсӣ, интихоботи ғайрифаъол;

**@47.Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ бисёршаҳрвандиро бо кадом истилоҳ истифода мебаранд?**

$A) Бипатридҳо;
$B) Апатридҳо;
$C) Апатрид ва бипатридҳо;
$D) Ренатурализатсия;
$E) Реинтегратсия;

**@48.Ба истилоҳи хориҷиён кадом шахсон дохил мешаванд?**

$A) Танҳо шаҳрвандони хориҷӣ;
$B) Халқ ва аҳолӣ;
$C) Танҳо аҳолӣ;
$D) Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсоне, ки шаҳрвандӣ надоранд;
$E) Хориҷиён новобаста аз мансубияташон халқро ташкил медиҳанд;

**@49.Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ шахсони шаҳрвандӣ надоштаро бо кадом истилоҳ ном мебаранд?**

$A) Апатридҳо;
$B) Бипатридҳо;
$C) Натурализатсия;
$D) Ренатурализатсия;
$E) Экстрадитсия;

**@50.Кадоме аз ин мафҳумҳо мафҳуми шаҳрванди хориҷиро ифода менамояд?**

$A) Шахси воқеие, ки берун аз кишвар дар ҳудуди давлати алоҳида (доимӣ ё муваққатӣ) зиндагӣ намуда мансубияташро бо далел (шиноснома) исбот карда метавонад;

$B) Шахси воқеие, ки дар кишвари худ зиндагӣ мекунаду мансубияташро б
далели доштани шиноснома исбот менамояд;
$C) Шахси воқеие, ки мансубияти давлати алоҳидаро дорад;
$D) Шахси воқеие, ки дар давлати алоҳида зиндагӣ (муваққати ё доимӣ) карда, аммо мансубияти кадом давлат буданашро исбот карда наметавонад;
$E) Шахси воқеие, ки дар давлати дигар зиндагӣ (муваққатӣ ё доимӣ) мекунад;

**@51.Вазифаҳои асосии давлатро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?**

$A) Вазифаҳои асосии давлатро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: дохилӣ ва берунӣ;
$B) Вазифаҳои асосии давлатро ба чор гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ғоявӣ (мафкуравӣ);
$C) Вазифаҳои асосии давлатро ба чор гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: сиёсӣ, фарҳангӣ, дохилӣ ва берунӣ;
$D) Вазифаҳои асосии давлат ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешавад: қонунгузорӣ ва судӣ;
$E) Вазифаҳои асосии давлат ба се намуд ҷудо карда мешавад: дохилӣ, берунӣ ва хориҷӣ;

**@52.Нишонаҳои асосии давлати иҷтимоӣ кадомҳоянд?**

$A) Нишонаҳои асосии давлати иҷтимоӣ инкишофи озодона, ҳаёти арзанда ва таъмини пурраи адолати иҷтимоӣ мебошанд;
$B) Нишонаҳои асосии давлати иҷтимоӣ волоияти қонуни асосӣ, инкишофи озодона ва интихоботи озод мебошанд;
$C) Нишонаҳои асосии давлати иҷтимоӣ инкишофи озодона, ҳаёти осоишта ва таъмини нафақаи шахрванд мебошанд;
$D) Нишонаҳои асосии давлати иҷтимоӣ инкишофи озодона, ҳаёти озод ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои пурра мебошанд;
$E) Нишонаҳои асосии давлати иҷтимоӣ ҳаёти арзанда, таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи саломатӣ мебошанд;
**@53.Нишонаҳои асосии давлати демократӣ кадомҳоянд?**

$A) Эълони ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмини кафолатнокии онҳо дар конститутсияи кишвар, эътирофи низоми намояндагӣ ва таъмини принсипи интихобӣ будани он, дар баробари ҳифзҳои ҳукумати таъмини фаъолияти озодонаи дигар ҳизбҳои сиёсӣ;
$B) Волоияти қонун, баробарҳуқуқии шаҳрвандон, озодии шаҳрвандон, озодии шаҳрвандон ва мавҷудияти шохаҳои ҳокимият;
$C) Эътирофи низоми намояндагӣ ва принсипи интихобӣ будани он, волоияти қонун, мавҷудияти ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ ва интихоботи озод дар кишвар;
$D) Эълон ва таъмини кафолатнокии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсияи кишвар, мавҷудияти низоми намояндагӣ ва таъмини интихобӣ будани он, масъулияти тарафайн;
$E) Кафолатнокии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар конститутсияи кишвар, мавҷудияти гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ ва интихоби озоди парламент;

**@54.Давлати дунявӣ чӣ маъно дорад?**

$A) Давлати дунявӣ давлатест, ки дар он ягон мафкура ба ҳайси мафкураи давлатӣ ё ҳатмӣ эътироф намешавад;
$B) Давлати дунявӣ давлатест, ки дар он дин эътироф карда намешавад;
$C) Давлати дунявӣ давлатест, ки онро тамоми ҷаҳон эътироф кардааст;
$D) Давлати дунявӣ давлатест, ки дар он ҳамаи динҳо якхела мебошанд;
$E) Давлати дунявӣ давлатест, ки дар он ба ягон мафкура афзалият дода мешавад;

**@55.Ҳизби сиёсӣ чист?**

$A) Ҳизби сиёсӣ гуфта қисми нисбатан фаъол, бошуур ва муттташакили ҷамъиятиро меноманд, ки манфиати гурӯҳи муайяни иҷтимоиро бо мақсади ноил гардидани ҳокимият ва таъсир расонидан ба он ифода менамояд;

$B) Ҳизби сиёсӣ гуфта иттиҳодияҳои ҷамъиятиро меноманд, ки бо мақсади ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ ташкил карда мешавад;
$C) Ҳизби сиёсӣ гуфта қисми ҷудонашавандаи ҷомеаро мегӯянд, ки танҳо як мақсад - ғасби ҳокимиятро дорад;
$D) Ҳизби сиёсӣ гуфта гурӯҳи одамонеро мегӯянд, ки бо мақсади ташкили ҳокимият ташкил карда мешавад;
$E) Ҳизби сиёсӣ ин ташкилоти ҷамъиятиест, ки дар ҳар як давлати демократӣ фаъолият мекунад;

**@56.Низоми ҳизбӣ гуфта чиро меноманд?**

$A) Низоми ҳизбӣ гуфта маҷмӯи ҳизбҳои сиёсӣ фахмида мешавад;
$B) Низоми ҳизбӣ мавҷудияти ҳизбҳои сиёсиро дар ҳар як кишвар мефаҳмонад;
$C) Низоми ҳизби бисёрҳизбиятро мефаҳмонад;
$D) Низоми ҳизби имконияти ҳизбҳои сиёсиро дар ташкили Ҳукумат дар назар дорад;
$E) Низоми ҳизбӣ фаъолияти ҳар як ҳизбро дар интихобот дар назар дорад;

**@57.Намудҳои низоми ҳизбӣ кадомҳоянд?**

$A) Низоми ҳизбӣ се намуд мешавад: як ҳизбӣ, ду ҳизбӣ ва бисёрҳизбӣ;
$B) Низоми ҳизбӣ ду намуд дорад: дуҳизбӣ ва бисёрҳизбӣ;
$C) Низоми ҳизбӣ се намуд мешавад: якҳизбӣ, бисёрҳизбӣ ва бисёрҳизбият;
$D) Низоми ҳизбӣ се намуд мешавад: якҳизбӣ, дуҳизбӣ ва бисёрҳизбият, яъне мавҷудияти якчанд ҳизбҳои сиёсӣ дар кишвар;
$E) Низоми ҳизбӣ ду намуд мешавад: бисёрҳизбӣ ва бисёрҳизбият;

**@58.Кадом намудҳои низоми бисёрҳизбиро медонед?**

$A) Се намуди низоми бисёрҳизбӣ мавҷуд аст: низоми бисёрҳизбии бо афзалияти танҳо як ҳизби сиёсӣ, низоми бисёрҳизбии бе афзалияти ягон ҳизби сиёсӣ ва низоми бисёрҳизбии гурӯҳӣ (блокӣ);
$B) Ду намуди низоми бисёрҳизбӣ дида мешавад: низоми бисёрҳизбии як низоми ва низоми бисёрҳизбии ду низоми;

$C) Се намуди низоми бисёрҳизбӣ дида мешавад: якҳизбӣ, дуҳизбӣ ва бисёрҳизбӣ;
$D) Ду намуди низоми бисёрҳизбӣ мавҷуд аст: бисёрҳизбӣ ва бисёрҳизбият;
$E) Низоми бисёрҳизбӣ ба намудҳо тақсим карда намешавад ва маънои мавҷуд будани ду ва зиёда ҳизби сиёсиро дар кишвар дорад;

**@59.Чанд намуди шаклҳои идоракуниро медонед?**

$A) Ду намуди шакли идоракунӣ - шакли идоракунии монархия ва шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ мавҷуд аст;
$B) Се намуди шакли идоракунӣ - монархия, ҷумҳуриявӣ ва омехта дида мешавад;
$C) Ду намуди шакли идоракунӣ - монархияи том ва ҷумҳуриявӣ мавҷуд аст;
$D) Ду намуди шакли идоракунӣ - монархия ва ҷумҳурии президентӣ мавҷуд аст;
$E) Ду намуди шакли идоракунӣ - монархияи дуалистӣ ва монархияи парламентӣ дида мешавад;

**@60.Хусусиятҳои асосии шакли идоракунии монархия кадомҳоянд?**

$A) Меросӣ будани мансаби сардори давлат, номаҳдуд будани мӯҳлати ваколати сардори давлат ва дахлнопазирии сардори давлат;
$B) Яккасардорӣ, меросӣ будани мансаби сардори давлат ва мӯҳлатнок будани ваколати сардори давлат;
$C) Мавҷудияти тахту тоҷ ва меросӣ будани мансаби сардори давлат ва ваколати мутлақ доштани сардори давлат;
$D) Меросӣ будани мансаби сардори давлат, маҳдудияти ваколат танҳо дар соҳаи қонунгузорӣ ва доштани ҳуқуқи ветои мутлақ;
$E) Принсипҳои тақсимоти ҳокимиятӣ дида намешавад, ба сардори давлат тамоми ҳокимият тааллуқ дорад;

**@61.Шакли идоракунии монархия ба чанд намуд ҷудо мешавад?**

$A) Шакли идоракунии монархия ба се намуд – монархияи мутлақ, монархияи дуалистӣ ва монархияи парламентӣ ҷудо мешавад;

$B) Шакли идоракунии монархия ба се намуд ҷудо мешавад, яъне монархияи том, монархияи конститутсионӣ ва монархияи дуалистӣ;
$C) Шакли идоракунии монархия ба ду намуд - монархияи том ва монархияи маҳдуд (конститутсионӣ) ҷудо мешавад;
$D) Шакли идоракунии монархия ба ду намуд - монархияи том ва мутлақ ҷудо мешавад;
$E) Шакли идоракунии монархия ба ду намуд - монархияи том ва парламентӣ ҷудо мешавад;

**@62.Хусусиятҳои монархияи дуалистӣ кадоҳоянд?**

$A) Монархияи дуалистӣ ду ҳокимиятиро ифода карда, ҳокимияти байни монарх ва парламент тақсим шуда ваколати сардори давлат танҳо дар соҳаи қонунгузорӣ маҳдуд карда шудааст;
$B) Монархияи дуалистӣ чунин шакли идоракуниест, ки дар он ваколати монарх ҳам дар соҳаи қонунгузорӣ ва ҳам дар соҳаи идоракунӣ маҳдуд карда шудааст;
$C) Монархияи дуалистӣ чунин шакли идоракуниест, ки дар он ваколати монарх танҳо дар соҳаи идоракунӣ маҳдуд карда мешавад;
$D) Монархияи дуалистӣ чунин шакли идоракуниест, ки дар он ваколати монарх маҳдуд набуда, ӯ яккасардор мебошад;
$E) Монархияи дуалистӣ аз монархияи парламентӣ дида маҳдудтар мебошад;

**@63.Хусусиятҳои монархияи парламентӣ кадомҳоянд?**

$A) Монархияи парламентӣ як намуди монархияи маҳдуд буда, дар он ваколати монарх ҳам дар соҳаи идоракунӣ ва ҳам дар соҳаи қонунгузорӣ маҳдуд карда шудааст;
$B) Монархияи парламентӣ як намуди монархияи маҳдуд буда, дар он танҳо ваколати монарх дар соҳаи қонунгузорӣ маҳдуд карда шудааст;
$C) Монархияи парламентӣ як намуди монархияи маҳдуд буда, дар он умуман ваколати монарх номаҳдуданд;
$D) Монархияи парламентӣ як намуди монархияи маҳдуд буда, дар он ваколати монарх танҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ маҳдуд карда шудааст;

$E) Монархияи парламентӣ як намуди монархияи маҳдуд буда, дар он ваколати монарх танҳо дар сохаи идоракунии молиявӣ маҳдуд карда шудааст;

**@64.Кадом аз намудҳои шакли идоракунии монархия бештар мавҷуд аст?**

$A) Танҳо шакли идоракунии  монархияи парламентӣ;
$B) Танҳо шакли идоракунии монархияи том;
$C) Танҳо шакли идоракунии монархияи маҳдуд;
$D) Танҳо шакли идоракунии монархияи дуалистӣ;
$E) Танҳо шакли идоракунии монархияи интихобӣ;

**@65.Хусусиятҳои шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ кадомҳоянд?**

$A) Интихобӣ будани мансаби сардор, ба мӯҳлати муайян интихоб шудани сардори давлат ва имконияти пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати сардори давлат;
$B) Интихобӣ будани сардори давлат, дахлнопазирии сардори давлат ва истеъфои сардори давлат;
$C) Номаҳдуд будани мӯҳлати ваколати сардори давлат ва пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани  ваколати сардори давлат;
$D) Интихобӣ будани мансаби сардори давлат, номаҳдуд будани мӯҳлати ваколати сардори давлат пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати сардори давлат;
$E) Интихобӣ будани мансаби сардори давлат, қатъ нагардидани мӯҳлати ваколати сардори давлат ва нақши асосии сардори давлат дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

**@66.Кадом намудҳои эътирофшудаи шакли идоракунии ҷумҳуриро медонед?**

$A) Шакли идоракунии  ҷумҳурии президентӣ, парламентӣ ва омехта;
$B) Шакли  идоракунии ҷумҳурии президентӣ;
$C) Шакли  идоракунии ҷумҳурии парламентӣ ва омехта;
$D) Шакли  идоракунии ҷумҳурии президентӣ ва  парламентӣ;

$E) Шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ, омехта ва нимпрезидентӣ;

**@67.Кадом хусусиятҳои ҷумҳурии президентиро медонед?**

$A) Президент ҳам сардори давлат ва сардори ҳукумат мебошад, Президент бо роҳи интихоби мустақим ё ғайримустақими нисбӣ интихоб шуда, Ҳукуматро бо хоҳиши худ ташкил намуда ва Ҳукумат дар назди Президент ҷавобгар буда ва Президент ҳуқуқи пароканда кардани парламентро надорад;
$B) Президент ҳам сардори давлат ва ҳам сардори Ҳукумат буда, Ҳукуматро сарвазир роҳбарӣ намуда, Ҳукумат дар назди Президент масъул буда ва Президент ҳуқуқи пароканда кардани парламентро дорад;
$C) Президент танҳо сардори давлат буда, Президентро халқ интихоб мекунад, Ҳукуматро Сарвазир идора мекунад, Ҳукумат дар назди парламент масъул аст ва Президент ҳуқуқи пароканда кардани парламентро надорад;
$D) Президент сардори давлат ва Ҳукумат буда, аз тарафи Парламент интихоб шуда ва дар назди парламент ҷавобгар аст;
$E) Президент сардори давлат ва Ҳукумат буда, танҳо Ҳукуматро роҳбарӣ намуда, Ҳукуматро пароканда карда метавонад ва Парламентро худаш интихоб менамояд;

**@68.Кадом хусусиятҳои асосии ҷумҳурии парламентиро медонед?**

$A) Президент ҳам сардори давлат ва Ҳукумат буда, ӯро халқ дар асоси интихоботи мустақим ва ғайримустақими нисбӣ интихоб мекунад. Президент Ҳукуматро ташкил медиҳад ва парламентро пароканда карда метавонад;
$B) Президент танҳо сардори Ҳукумат буда, сарвазир вазифаи сардорро ба ӯҳда дошта, Президентро парламент интихоб менамояд ва парламентро пароканда карда наметавонад;
$C) Президент танҳо сардори давлат буда, Сарвазир Ҳукуматро идора мекунад, Президент тавассути Парламент интихоб гардида, Ҳукумат низ бо тариқи парламентӣ ташкил шуда дар назди парламент ҷавобгар мебошад ва Президент ҳуқуки пароканда кардани парламент дода шудааст;

$D) Президент танҳо сардори давлат аст. Раиси Ҳукумат сарвазир мебошад. Президентро танҳо бо роҳи интихоботи мустақим интихоб менамоянд. Президент Ҳукуматро ташкил карда дар назди Парламент ҷавобгар аст ва ба Президент ҳуқуқи пароканда кардани парламент дода шудааст;
$E) Президент сардори давлат мебошад. Сарвазир Раиси Ҳукумат мебошад. Президентро халқ интихоб мекунад. Ҳукуматро Парламент ташкил мекунад ва Президент дар назди Ҳукумат ҷавобгар аст;

**@69.Барои чӣ ҷумҳурии нимпрезидентӣ мегӯянд?**

$A) Барои он, ки дар он ҳам хусусиятҳои ҷумҳурии президентӣ (бештар) ва парламентӣ дида мешавад;
$B) Барои он, ки дар он ҳам хусусиятҳои шакли идоракунии монархия ва шакли идоракунии Президентӣ дида мешавад;
$C) Барои он, ки дар он ҳам хусусиятҳои шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ ва ҳам нимпрезидентӣ дида мешавад;
$D) Барои он, ки дар он дар як вақт ҳам шакли идоракунии президентӣ ва парламентӣ, инчунин ҳам шакли идоракунии ҷумҳурии омехта дида мешавад;
$E) Барои он, ки дар он бештар хусусиятҳои шакли идоракунии ҷумҳурии парламентӣ ва нимпрезидентӣ дида мешавад;

**@70.Кадом намудҳои шакли омехтаи идоракуниро медонед?**

$A) Ба шаклҳои омехтаи идоракунӣ намудҳои зерин: монархияи интихобӣ ва ҷумҳурии нимпрезидентӣ тааллуқ доранд;
$B) Ба шаклҳои омехтаи идоракунӣ намудҳои зерин: монархияи интихобӣ, дуалистӣ ва ҷумҳурии нимпрезидентӣ тааллуқ доранд;
$C) Ба шаклҳои омехтаи идоракунӣ намудҳои зерин: ҷумҳурии нимпрезидентӣ, ҷумҳурии парламентӣ ва ҷумҳурии омехта тааллуқ доранд;
$D) Ба шаклҳои омехтаи идоракунӣ намудҳои зерин: монархияи том, монархияи интихобӣ ва ҷумҳурии нимпарламентӣ тааллуқ доранд;
$E) Ба шакли омехтаи идоракунӣ намудҳои зерин: ҷумҳурии парламентӣ ва монархияи парламентӣ тааллуқ доранд;

**@71.Дар кадом давлатҳои хориҷӣ монархияи интихобӣ дида мешавад?**

$A) Дар Малайзия ва Муттаҳидаи Аморати Араб;
$B) Дар Малайзия, Марокаш, Қувейт;
$C) Дар Малайзия, Муттаҳидаи Аморати Араб ва Марокаш;
$D) Дар Англия, Арабистони Саудӣ ва Иордания;
$E) Дар Малайзия, Испания, Шветсия;

**@72.Кадом намудҳои реҷаи сиёсиро медонед?**

$A) Ду намуди реҷаи сиёсӣ - реҷаи сиёсии демократӣ ва реҷаи сиёсии ғайридемократӣ дида мешавад;
$B) Ду намуди реҷаи сиёсӣ - реҷаи сиёсии ҳарбии демократӣ ва ҳарбии диктаторӣ дида мешавад;
$C) Ду намуди реҷаи сиёсӣ - реҷаи сиёсии демократӣ ва демократии ғайриҳарбӣ дида мешавад;
$D) Ду намуди реҷаи сиёсӣ - реҷаи сиёсии давлатӣ ва реҷаи сиёсии ғайридавлатӣ дида мешавад;
$E) Ду намуди реҷаи сиёсӣ - реҷаи сиёсии сотсиалистӣ ва реҷаи сиёсии тоталитарӣ дида мешавад;

**@73.Мафҳуми шакли сохти давлатӣ?**
$A) Шакли сохти давлатӣ ташкили ҳудудии сиёсии давлатро мегӯянд, ки дар натиҷаи он муносибати давлат ва қисмҳои таркибии он муайян карда мешавад;
$B) Шакли сохти давлатӣ маҷмӯи тарз ва методҳои ба амал баровардани ҳокимияти давлатиро мегӯянд;
$C) Шакли сохти давлатӣ вазъи ҳуқуқии мақомоти олии давлатӣ ва сохтори онро мегӯянд;
$D) Тавассути шакли сохти давлатӣ муносибати байни давлат ва мақомоти он муайян карда мешавад;
$E) Тавассути шакли сохти давлатӣ муносибати байни сардори давлат бо дигар мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва алоқамандии байни онҳо муайян мегардад;

**@74.Намудҳои шакли сохти давлатӣ кадомҳоянд?**

$A) Шакли сохти давлатӣ ба ду намуд - шакли сохти давлатии ягона ва иттифоқӣ ҷудо мешавад;
$B) Шакли сохти давлатӣ се намуд - шакли сохти давлатии ягона, ииитфоқӣ ва иттифоқи мураккаб ҷудо мешавад;
$C) Шакли сохти давлатӣ ба ду намуд - шакли сохти давлатии ягона ва шакли сохти иитифоқӣ ҷудо мешавад;
$D) Шакли сохти давлатӣ ба ду намуд – давлати ягона ва иттиҳоди давлатҳои мустақил;
$E) Шакли сохти давлатӣ ба ду намуд ҷудо мешавад: давлати ягона ва иттифоқи мураккаб;

**@75.Мафҳуми шакли сохти давлати ягонаро маънидод кунед?**

$A) Шакли сохти давлати ягона аз воҳидҳои марзию маъмурӣ ва воҳидҳои давлатӣ иборат мебошад;
$B) Шакли сохти давлати ягона ҳамчун қоида аз шакли сохти давлатӣ, шакли идоракунӣ ва воҳидҳои марзию маъмурӣ иборат мебошад;
$C) Шакли сохти давлати ягона ҳамчун қоида аз шакли сохти давлатӣ, шакли идоракунӣ ва воҳидҳои марзию маъмурӣ иборат намебошад;
$D) Шакли сохти давлати ягона аз шакли идоракунӣ ва воҳидҳои марзӣ иборат мебошад;
$E) Шакли сохти давлати ягона аз воҳидҳои давлатӣ ва қисмҳои таркибии он иборат мебошад;

**@76.Нишонаҳои шакли сохти давлати ягона кадомҳоянд?**

$A) Конститутсияи ягона, мақомоти олии давлатии ягона, шаҳрвандии ягонаи давлатӣ, низоми ягонаи ҳуқуқӣ ва ҳудуди ягона, ки аз воҳидҳои марзию маъмурӣ иборат аст нишонаҳои асосии давлати ягона мебошанд;
$B) Конститутсияи ягонаи иттифоқӣ, мақомоти ягонаи иттифоқӣ, шаҳрвандии ягонаи иттифоқӣ ва ҳудуди ягонаи иттифоқӣ нишонаҳои асосии шакли сохти давлати ягона мебошанд;
$C) Конститутсияи ягона, шаҳрвандии ягона, мақомоти олии ягонаи иттифоқӣ ва ҳудуди давлатии иттифоқӣ нишонаҳои асосии давлати ягона мебошанд;

$D) Конститутсияи ягона, сардори давлат ва парламент, низоми ягонаи ҳуқуқӣ, ҳудуди ягонаи давлатӣ ва иттифоқӣ нишонаҳои асосии давлати ягона мебошанд;
$E) Конститутсияи ягона, мақомоти олии давлатӣ, шаҳрвандии ягона, низоми ягонаи ҳуқуқӣ ва мавҷудияти субъектҳо нишонаҳои асосии давлати ягона мебошанд;

**@77.Кадом навъҳои давлати ягонаро медонед?**

$A) Ду навъи давлати ягона мавҷуд аст: давлати ягонаи марказонидашуда ва давлати ягонаи ғайримарказонидашуда;
$B) Се навъи давлати ягона мавҷуд аст: давлати ягонаи марказонидашуда, давлати ягонаи ғайримарказонидашуда ва давлати ягонаи нисбатан марказонидашуда;
$C) Се навъи давлати ягона мавҷуд аст: давлати ягонаи марказонидашуда, давлати ягонаи ғайримарказонидашуда ва давлати ягонаи нисбатан ғайримарказонидашудаи мусбӣ;
$D) Ду навъи давлати ягона мавҷуд аст: давлати ягонаи марказонидашуда, давлати ягонаи марказонидашудаи иттифоқӣ;
$E) Се навъи давлати ягона мавҷуд аст: давлати ягонаи ғайримарказонидашуда, давлати ягонаи нисбатан ғайримарказонидашудаи дар маҳал буда нишонаҳои асосии давлатӣ ягона мебошанд;

**@78.Мафҳуми давлати иттифоқиро маънидод намоед?**

$A) Давлати иттифоқӣ гуфта муттаҳид шудани субъектҳо, воҳидҳои марзию маъмурӣ ва парламент дар давлати алоҳида фаҳмида мешавад;
$B) Давлати иттифоқӣ гуфта муттаҳид шудани ду ва зиёда давлатҳо ё ташкилотҳои давлатиро ба як давлати алоҳида фаҳмида мешавад;
$C) Давлати иттифоқӣ гуфта муттаҳид шудани воҳидҳои марзию маъмуриро ба як давлати алоҳида фаҳмида мешавад;
$D) Давлати иттифоқӣ гуфта муттаҳид шудани давлатҳои соҳибихтиёр ба як иттиҳод фаҳмида мешавад;
$E) Давлати иттифоқӣ гуфта муттаҳид шудани давлатҳои алоҳида ва қисмҳои таркибии он ва мақомоти олии ҳокимият ба як давлати алоҳида фаҳмида мешавад;

**@79.Истилоҳи федератсияро маънидод кунед?**

$A) Федератсия аз калимаи лотинии «феорадатио» гирифта шуда маънои 1) шартнома ва 2) давлати иттифоқиро дорад;
$B) Федератсия аз калимаи лотинии «феоредатио» гирифта шуда маънои 1) ғайришартномавӣ ва 2) иттифоқи давлатҳоро дорад;
$C) Федератсия аз калимаи лотинии «феоредатио» гирифта шуда маънои 1) шартнома ва 2) иттифоқи давлатҳоро дорад;
$D) Федератсия аз калимаи лотинии «феорадатио» гирифта шуда маънои 1) шартнома ва 2) давлати ягонаро дорад;
$E) Федератсия аз калимаи лотинии «феорататио» гирифта шуда маънои 1) шартнома ва 2) давлати ягонаи марказонидашударо дорад;

**@80.Фарқияти федератсия ва конфедератсияро муайян намоед?**

$A) Федератсия давлати иттифоқӣ буда дорои нишонаҳои ҳуқуқӣ-давлатӣ мебошад. Конфедератсия бошад иттифоқи давлатҳо буда дорои нишонаҳои ҳуқуқӣ-давлатӣ намебошад;
$B) Федератсия ва конфедератсия ҳаммаъно буда, давлати иттифоқӣ дар назар дошта мешавад;
$C) Федератсия маънои иттифоқи давлатҳоро дошта аз нишонаҳои ҳуқуқӣ-давлатӣ иборат аст. Конфедератсия бошад давлати иттифоқӣ буда дорои нишонаҳои ҳуқуқӣ-давлатӣ нестанд;
$D) Федератсия давлати иттифоқӣ буда аз давлатҳои алоҳидаи соҳибихтиёр иборат мебошад. Конфедератсия бошад иттифоқи давлатҳо буда дорои нишонаҳои ҳуқуқӣ-давлатӣ мебошад;
$E) Федератсия ва конфедератсия дар маҷмӯъ шаклҳои алоҳидаи сохти давлатиро дар бар мегиранд.

**@81.Нишонаҳои асосии давлати иттифоқӣ кадомҳоянд?**

$A) Мавҷудияти субъектҳо, мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ дар субъектҳои иттифоқӣ, намояндагии субъектҳо дар палатаи болоии парламенти иттифоқӣ ва тақсимоти ваколатҳо;
$B) Мавҷудияти субъектҳо, қарорҳои байни онҳо, мақоми қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ доштани ҳар як субъект ва намояндагии субъектҳо дар парламенти иттифоқӣ;

$C) Мавҷудияти субъектҳо, мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ, тақсимоти ваколатҳо байни мақомоти иттифоқӣ ва субъектҳои он, шаҳрвандӣ ва давлатҳои алоҳидаи соҳибихтиёр дар ҳайати он;
$D) Мавҷудияти субъектҳо, мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ, штатҳо, намояндагии субъектҳо дар парламенти иттифоқӣ ва тақсимоти ваколатҳо байни мақомоти иттифоқӣ;
$E) Мавҷудияти субъектҳо, мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ дар иттифоқӣ, тақсимоти ваколатҳо байни онҳо;

**@82.Дар ҳайати иттиҳоди давлатҳои мустақил кадом ҷумҳуриҳо шомиланд?**

$A) Арманистон, Беларус, Молдова, Озарбойҷон, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Украина, Ўзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон;
$B) Арманистон, Абхазия, Беларус, Гурҷистон, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ўзбекистон, Украина, Тоҷикистон ва Туркманистон;
$C) Арманистон, Афғонистон, Беларус, Гурҷистон, Молдавия, Озарбойҷон, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Украина, Ўзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон;
$D) Арманистон, Беларус, Гурҷистон, Молдавия, Озарбойҷон, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Украина, Ўзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Эстония;
$E) Арманистон, Беларус, Гурҷистон, Латвия, Молдова, Озарбойҷон, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Украина, Ўзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон;

**@83.Дар давлатҳои хориҷӣ кадом шаклҳои мухторият (автономия) мавҷуд аст?**

$A) Ҳам мухторияти сиёсӣ ва ҳам мухторияти маъмурӣ;
$B) Танҳо мухторияти сиёсӣ;
$C) Танҳо мухторияти маъмурӣ;
$D) Мухторияти сиёсӣ ва давлатӣ;
$E) Мухторияти омехта ва сиёсӣ;

**@84.Фарқияти байни мухторияти сиёсӣ аз маъмурӣ дар чӣ ифода меёбад?**

$A) Мухторияти сиёсӣ  мақоми (статуси) давлатро дошта дорои нишонаҳои ҳуқуқӣ-давлатӣ мебошад. Мухторияти маъмурӣ бошад ба ташкилоти миллӣ-давлатӣ шомил буда, дорои нишонаҳои ҳуқуқӣ-давлатӣ нест;
$B) Мухторияти сиёсӣ  ташкилоти миллӣ-давлатӣ буда нишонаҳои ҳуқуқӣ-давлатиро надорад. Мухторияти маъмурӣ дорои нишонаҳои ҳуқуқӣ-давлатӣ буда, мақоми ҳуқуқӣ-давлатиро дорад;
$C) Мухторияти сиёсӣ ва мухторияти маъмурӣ ҳаммаъно буда, байни онҳо фарқият дида намешавад;
$D) Мухторияти сиёсӣ ин вилояти мухторӣ ё ҳавзаи мухториро меноманд, мухторияти маъмурӣ бошад ҷумҳурии мухторӣ мебошад;
$E) Мухторияти сиёсӣ мухторияти алоҳида буда, мухторияти маъмурӣ як навъи он мебошад;

**@85.Дар кадом ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ мухторият дида мешавад?**

$A) Дар Гурҷистон, Озарбойҷон, Россия, Украина, Узбекистон ва Тоҷикистон;
$B) Дар ҳамаи ҷумҳуриҳо;
$C) Танҳо дар Россия, Тоҷикистон ва Узбекистон;
$D) Дар Гурҷистон, Озарбойҷон, Россия, Қазоқистон, Украина, Узбекистон ва Тоҷикистон;
$E) Дар Гурҷистон, Латвия, Озарбойҷон, Қазоқистон, Россия, Украина, Узбекистон ва Тоҷикистон;

**@86.Дар Россия кадом шакл ва намудҳои мухторият дида мешавад?**

$A) Ҳам шакли мухторияти сиёсӣ ва ҳам шакли мухторияти маъмурӣ ва намуди он: ҷумҳуриҳои мухторӣ, вилояти мухторӣ ва ҳавзаҳои мухторӣ;
$B) Танҳо мухторияти сиёсӣ, ки аз ҷумхуриҳои мухторӣ иборатанд;
$C) Танҳо мухторияти маъмурӣ, ки аз вилоятҳо ва ҳавзаҳои мухторӣ иборатанд;
$D) Ҳам шакли мухторияти сиёсӣ, ҳам шакли мухторияти маъмурӣ ва шакли мухторияти омехта;
$E) Ягон шакл ва намудҳои  мухторият дида намешаванд;

**@87.Кадом намудҳои интихоботро медонед?**

$A) Интихоботи навбатӣ, ғайринавбатӣ ва иловагӣ;
$B) Интихоботи озод ва маҳдуд;
$C) Интихоботи мустақим ва махсус;
$D) Интихоботи бевосита ва бавосита;
$E) Интихоботи даврагӣ ва махсус;

**@88.Кадом интихоботро интихоботи навбатӣ меноманд?**

$A) Агар вобаста ба анҷом расидани мӯҳлати ваколати мақомоти давлатӣ таъйин гардида бошад;
$B) Агар новобаста аз ба анҷоми мӯҳлати ваколати мақомоти давлатӣ таъйин гардида бошад;
$C) Агар вобаста ба пароканда намудани мақомоти давлатӣ таъйин гардида бошад;
$D) Агар вобаста ба истеъфои мақомоти давлатӣ таъйин гардида бошад;
$E) Агар ҳангоми табаддулоти давлатӣ таъйин гардида бошад;

**@89.Кадом интихоботро интихоботи ғайринавбатӣ меноманд?**

$A) Агар новобаста аз ба анҷом расидани мӯҳлати ваколати давлатӣ таъйин гардида бошад;
$B) Агар вобаста ба анҷом расидани мӯҳлати ваколати мақомоти таъйин гардида бошад;
$C) Агар ҳангоми озод мондани мандати вакилӣ таъйин гардида бошад;
$D) Агар дар вақти ба истеъфо рафтани аъзои Ҳукумат таъйин гардида бошад;
$E) Агар вобаста ба интихоботи навбатӣ таъйин гардида бошад;

**@90.Интихоботи иловагӣ кай таъйин карда мешавад?**

$A) Интихоботи иловагӣ дар ҳолате таъйин карда мешавад, ки агар дар интихоботи асосӣ ягон номзад ба вакилӣ овози заруриро соҳиб нагардад;

$B) Интихоботи иловагӣ хангоми истеъфо, фавти вакил дар ҳавзаҳои алоҳидаи интихоботӣ таъйин карда мешавад;
$C) Интихоботи иловагӣ ҳангоми ба охир расидани мӯҳлати ваколати мақомоти давлатӣ таъйин карда мешавад;
$D) Интихоботи иловагӣ ҳангоми пароканда намудани парламент таъйин карда мешавад;
$E) Интихоботи иловагӣ танҳо дар давлатҳое таъйин карда мешавад, ки шакли идоракуниаш ҷумҳуриявӣ бошад;

**@91.Мафҳуми ҳуқуқи интихоботиро дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар чанд маъно ҷудо мекунанд?**

$A) Дар ду маъно: объективӣ ва субъективӣ;
$B) Дар як маъно: ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ;
$C) Дар як маъно: ҳамчун ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд;
$D) Дар ду маъно: мутлақ ва нисбӣ;
$E) Дар ду маъно: том ва маҳдуд;

**@92.Мафҳуми ҳуқуқи интихоботиро дар маънои объективиаш маънидод намоед?**

$A) Дар маънои объективиаш ҳуқуқи интихоботӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ фаҳмида мешавад, ки он тартиби ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандро ба танзим медарорад;
$B) Дар маънои объективиаш дар зери мафҳуми ҳуқуқи интихоботӣ ҳуқуқи субъективии шаҳрванд фаҳмида мешавад;
$C) Дар маънои объективиаш ҳуқуқи интихоботиро ҳамчун соҳаи ҳуқуқ муаррифӣ менамоянд;
$D) Дар маънои объективиаш ҳуқуқи интихоботӣ маънои интихоботи парламентро дорад;
$E) Дар маънои объективиаш ҳуқуқи интихоботӣ маънои сардори давлатро дорад;

**@93.Дар маънои субъективиаш ҳуқуқи интихоботӣ дар чӣ ифода мегардад?**

$A) Ҳуқуқи субъективии шаҳрванд фаҳмида мешавад, ки ӯ ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар чараёни интихобот баромад мекунад;
$B) Тарзи ташкил ва гузаронидани интихоботро ифода менамояд;
$C) Ҳуқуқи субъективии шаҳрванд фаҳмида мешавад, ки хуқуқи овоз доданро дорад;
$D) Ҳуқуқи субъективии шаҳрванд маънои ҳуқуқи интихоб шуданро дорад;
$E) Ҳуқуқи субъективии шаҳрванд маънои ҳуқуқи конститутсионии инсонро дорад;

**@94.Ҳуқуқи интихоботии фаъолро маънидод намоед?**

$A) Ҳуқуқи интихоботии фаъол маънои дар маъракаҳои интихоботӣ иштирок карданро дорад;
$B) Ҳуқуқи интихоботии фаъол маънои ҳуқуқи интихоб карданро дорад;
$C) Ҳуқуқи интихоботии фаъол маънои ҳуқуқи интихоб шуданро дорад;
$D) Ҳуқуқи интихоботи фаъол маънои ҳуқуқи даст кашидан аз иштирок дар овоздиҳиро дорад;
$E) Ҳуқуқи интихоботии фаъол маънои ҳуқуқи рад кардани интихоботро дорад;

**@95.Ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъолро маънидод намоед?**

$A) Ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол маънои ҳуқуқи интихоб шуданро дорад;
$B) Ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол маънои ҳуқуқи интихоб карданро дорад;
$C) Ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол маънои дар чорабиниҳои сиёсӣ фаъолона иштирок карданро дорад;
$D) Ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол маънои дар чорабиниҳои сиёсӣ ғайри фаъолона иштирок карданро дорад;
$E) Ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол маънои дар интихобот барои овоздиҳӣ наомадани интихобкунандаро ифода мекунад;

**@96.Шарти интихоботӣ чӣ маъно дорад?**

$A) Шарти интихоботӣ гуфта талаботи муқаррар кардаи қонунро меноманд, ки барои пайдо кардани ҳуқуқи интихоботи фаъол ва ғайрифаъол тавассути меъёри ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд;
$B) Шарти интихоботӣ гуфта меъёрҳои ҳуқуқиеро меноманд, ки чараёни интихобот ба танзим медарорад;
$C) Шарти интихоботӣ гуфта ҳуқуқи интихоботии фаъолро мегӯянд;
$D) Шарти интихоботӣ гуфта ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъолро мегӯянд;
$E) Шарти интихоботӣ гуфта ташкили чараёни интихоботро мегӯянд;

**@97.Шартҳои асосии интихоботӣ кадомҳоянд?**

$A) Шарти синну солӣ, муқимӣ, саводнокӣ, маълумотнокӣ ва шаҳрвандӣ;
$B) Шарти пулӣ, синну солӣ, авлодӣ, муқимӣ ва саводнокӣ;
$C) Шарти синну солӣ, муқимӣ, маълумотнокӣ ва авлодӣ;
$D) Шарти синну солӣ, молумулкӣ, муқимӣ, авлодӣ, пулӣ ва ахлоқӣ;
$E) Танҳо шарти молумулкӣ;

**@98.Принсипҳои асосии ҳуқуқи интихоботӣ кадомҳоянд?**

$A) Ҳуқуқи интихоботии умумӣ, ҳуқуқи интихоботии баробар, ҳуқуқи интихоботии мустақим ва овоздиҳии пинҳонӣ принсипҳои ҳуқуқи интихоботӣ мебошанд;
$B) Ҳуқуқи интихоботи умумӣ, ҳуқуқи интихоботи якка ва ҳуқуқи интихоботи иловагӣ ба принсипҳои асосии ҳуқуқи интихоботӣ тааллуқ дорад;
$C) Ҳуқуқи интихоботии умумӣ, ҳуқуқи интихоботии баробар, ҳуқуқи интихоботии мустақим, ҳуқуқи интихоботии такрорӣ ба принсипҳои асосии ҳуқуқи интихоботӣ тааллуқ доранд;
$D) Ҳуқуқи интихоботии умумӣ, ҳуқуқи интихоботии баробар, ҳуқуқи интихоботии мустақим ва ғайримустақими мутлақ ва овоздиҳии пинҳонӣ принсипҳои ҳуқуқи интихоботӣ мебошанд;
$E) Ҳуқуқи интихоботии умумӣ, ҳуқуқи интихоботии баробар, ҳуқуқи интихоботии ғайримустақими мутлақ ва нисбӣ, овоздиҳии пинҳонӣ принсипҳои асосии ҳуқуқи интихоботӣ мебошанд;

**@99.Шарти синну солӣ чӣ маъно дорад?**

$A) Маънои ба синну соли интихоботӣ расиданро дорад;
$B) Маънои расидан ба синну соли муайянро дорад;
$C) Маънои калонсолиро дорад;
$D) Маънои расидан ба синну соли ҳуқуқи интихоботии фаъолро дорад;
$E) Маънои расидан ба синну соли ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъолро дорад;

**@100.Шарти муқимӣ чӣ маъно дорад?**

$A) Аз интихобкунанда ва интихобшаванда доштани ҷои зисти муайяни зиндагиро талаб мекунад;
$B) Аз интихобкунанда ва интихобшаванда доштани хонаи истиқоматиро талаб мекунад;
$C) Аз интихобкунанда ва интихобшаванда доштани қайди ҷои истиқоматиро талаб мекунад;
$D) Аз интихобкунанда ва интихобшаванда доштани ҷои хобро талаб менамояд;
$E) Аз интихобкунанда ва интихобшаванда танҳо дар ватани худ зиндагӣ карданро талаб мекунад;

**@101.Шарти саводнокӣ чӣ маъно дорад?**

$A) Хондан ва навиштани забони давлатиро талаб мекунад;
$B) Доштани маълумоти муайянро талаб мекунад;
$C) Доштани ҷои зисти муайяни зиндагиро талаб мекунад;
$D) Хондан ва навиштани дигар забонҳои хориҷиро талаб мекунад;
$E) Доштани маълумоти олиро талаб мекунад;

**@102.Шарти маълумотнокӣ чӣ маъно дорад?**

$A) Доштани маълумоти миёна, ки барои гирифтани маълумоти олӣ талаб карда мешавад;
$B) Доштани маълумоти муайян (ибтидоӣ, миёна, миёнаи махсус ва олӣ)-ро талаб мекунад;
$C) Доштани молу мулки муайяне, ки барои гирифтани маълумоти олӣ зарур аст, талаб мекунад;
$D) Доштани ҷои зисти муайян, ки барои гирифтани маълумоти миёнаро талаб менамояд;

$E) Доштани синну соли муайяне, ки барои гирифтани маълумоти алоҳида талаб карда мешавад;

**@103.Ҷараёни интихобот аз кадом чорабиниҳо иборатанд?**

$A) Ҷараёни интихобот таъйини интихобот, ташкили мақомоти интихоботӣ, ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ, бақайдгирӣ ва тартиб додани рӯйхати интихобкунандагон, пешбарӣ ва ба қайдгирии номзадҳо ва овоздиҳиро дарбар мегирад;
$B) Ҳамагуна масъалаҳое, ки вобаста ба интихоботи сардори давлат, парламент ва мақомоти ҳокимияти судӣ гузаронида мешаванд, чорабиниҳои ҷараёни интихоботро дарбар мегиранд;
$C) Ҷараёни интихобот аз таъйини интихобот, ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ, бақайдгирии интихобкунандагон, тартиб додани рӯйхати интихобкунандагон, бақайдгирии номзадҳо, овоздиҳӣ ва муайян намудани натиҷаи овоздиҳӣ ва тақсим намудани мандатҳо байни вакилон иборат мебошанд;
$D) Ҷараёни интихобот ин аз овоздиҳӣ оғоз гардида ва ҳангоми интихоб шудани вакилони парламент ба анҷом мерасад;
$E) Ҷараёни интихобот аз ду давра: 1) аз овоздиҳӣ ва 2) ҳисоб кардани натиҷаи овоздиҳӣ дар ҳавзаи интихоботӣ иборат мебошад;

**@104.Кадом намудҳои бақайдгирии интихобкунандагонро медонед?**

$A) Бақайдгирии интихобкунандагон аз ду намуд: оддӣ ва муқаррарӣ иборат мебошад;
$B) Бақайдгирии интихобкунандагон аз ду намуд: муқаррарӣ ва фавқулодда иборат мебошад;
$C) Бақайдгирии интихобкунандагон аз ду намуд: даврагӣ ва махсус иборат мебошад;
$D) Бақайдгирии интихобкунандагон аз ду намуд: муқаррарӣ ва фавқулодда иборат мебошад;
$E) Бақайдгирии интихобкунандагон аз ду намуд: мусбӣ ва манфӣ иборат мебошад;

**@105.Кадом низомҳои тартиб додани рӯйхати интихобкунандагонро медонед?**

$A) Доимӣ ва даврагӣ (одӣ ва махсус);
$B) Одӣ ва муқаррарӣ;
$C) Озод ва ҳатмӣ;
$D) Даврагӣ ва махсус;
$E) Муқаррарӣ ва фавқулодда;

**@106.Дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ кадом намудҳои пешбарии номзадҳо ба вакилӣ ва президент пешбинӣ шудааст?**

$A) Аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ ва худпешбарӣ;
$B) Аз тарафи мақомоти давлатӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ;
$C) Аз тарафи аҳолӣ ва шаҳрвандон;
$D) Аз тарафи халқ ва аҳолӣ;
$E) Аз тарафи маҳалҳо ва худпешбарӣ;

**@107.Гарави интихоботӣ гуфта чиро мефаҳмед?**

$A) Гарави интихоботӣ ин маблағи пулиест, ки тавассути қонунгузории ҳар як кишвар барои ба қайд гирифтани номзадҳо ба вакилӣ муқаррар карда шудааст;
$B) Гарави интихоботӣ ин маблағи пулӣ ва молиест, ки тавассути қонунгузории ҳар як кишвар барои ба қайд гирифтани номзадҳо ба вакилӣ муқаррар карда шудааст;
$C) Гарави интихоботӣ ин маблағи пулиест, ки тавассути қонунгузории ҳар як кишвар барои ба қайд гирифтани интихобкунандагон муқаррар карда шудааст;
$D) Гарави интихоботӣ ин маблағи пулиест, ки тавассути қонунгузории ҳар як кишвар барои ба қайд гирифтани интихобкунандагон ва номзадҳо ба вакилӣ  муқаррар карда шудааст;
$E) Гарави интихоботӣ ин маблағи пулиест, ки онро қонунгузории ҳар як кишвар барои ташкил ва гузаронидани интихобот муқаррар кардааст;

**@108.Тарзҳои овоздиҳиро дар интихобот муайян намоед?**

$A) Овоздиҳӣ бо ду тарз - бо роҳи бюллетени интихоботӣ ва электронӣ (мошинаҳои махсуси овоздиҳӣ) гузаронида мешавад;

$B) Овоздиҳӣ бо тариқи пинҳонӣ гузаронида мешавад;
$C) Овоздиҳӣ ду хел - озод ва ҳатмӣ мебошад;
$D) Овоздиҳӣ дар рӯзи таъйиншуда гузаронида мешавад;
$E) Овоздиҳӣ соати 6.00 оғоз гардида ва соати 20.00 ба анҷом мерасад;

**@109.Принсипҳои ҳуқуқи интихоботии баробар чӣ маъно дорад?**

$A) Мазмуни асосии ин принсип аз ду унсур – интихобкунанда ва интихобшаванда дар асоси баробар иштирок мекунанд, иборат мебошад;
$B) Мазмуни асосии ин принсип аз ду унсур – ҳар як интихобкунанда як овоз дорад ва интихобкунанда дар асоси умумӣ дар интихобот иштирок менамоянд, иборат мебошад;
$C) Мазмуни асосии ин принсип аз ду унсур – ҳар як интихобшаванда як овоз дорад ва интихобшавандагон дар асоси умумӣ дар интихобот иштирок мекунанд, иборат мебошад;
$D) Мазмуни асосии ин принсип аз ду унсур – мустақим ва ғайримустақим иборат мебошад;
$E) Мазмуни ин принсип маънои баробариро дорад;

**@110.Мазмуни асосии принсипи ҳуқуқи интихоботи умумиро маънидод намоед?**

$A) Мувофиқи ин принсип ҳар як шаҳрванде, ки ба синну соли интихоботӣ расидааст ҳуқуқи дар интихобот иштирок карданро дорад, новобаста аз миллат, халқият, ҷинс, маълумот, касб, ақидаҳои сиёсӣ ва динӣ ва вазъи молу мулкӣ;
$B) Мувофиқи ин принсип ҳар як шахс новобаста аз мансубияташ дар интихобот иштирок карда метавонад;
$C) Мувофиқи ин принсип ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, синну сол, ақидаҳои сиёсию динӣ ва вазъи молумулкӣ дар интихобот иштирок карда метавонанд;
$D) Мувофиқи ин принсип ҳамаи калонсолон новобаста аз миллат, халқият, ҷинс, касбу вазифа, ақидаҳои сиёсӣ ва динӣ ва вазъи молиявӣ дар интихобот иштирок карда метавонад;
$E) Мувофиқи ин принсип ҳамаи шахсони пиронсол дар интихобот новобаста аз миллат, ҷинс, касбу вазифа, муносибати сиёсию динӣ ва вазъи молумулкӣ иштирок менамоянд;

**@111.Мазмуни асосии принсипи ҳуқуқи интихоботии мустақимро маънидод намоед?**

$A) Мувофиқи ин принсип ҳар як интихобкунанда бевосита барои интихоби номзадҳо ба вакилӣ ва мансаби Президент иштирок карда овоз медиҳанд;
$B) Ҳамаи шаҳрвандоне, ки ба синну соли интихоботӣ расидаанд новобаста аз миллат, халқият, ҷинс, касбу вазифа, ақидаи динию сиёсӣ ва вазъи молумулкӣ иштирок карда метавонад;
$C) Ҳамаи шахрвандоне, ки ба синну соли интихоботӣ расидаанд, ҳуқуқи баробар доранд;
$D) Мувофиқи ин принсип ҳар як шаҳрванд тавассути намояндаҳояш дар интихоби номзадҳо ба вакилӣ ва президентӣ иштирок карда метавонанд;
$E) Мувофиқи ин принсип ҳар як шаҳрванд як овоз дошта дар интихобот ҳуқуки бевосита доранд;

**@112.Кафолатҳои асосии овоздиҳии пинҳонӣ кадомҳоянд?**

$A) Кафолатҳои асосии овоздиҳии пинҳонӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар бюллетени интихоботӣ танҳо маълумот дар бораи номзадҳо дарҷ карда шуда, дар бораи интихобкунанда набояд чизе дарҷ карда шавад ва барои овоз додан ҳуҷраҳои овоздиҳӣ вуҷуд дорад;
$B) Кафолатҳои асосии овоздиҳии пинҳонӣ ин таъмини ҳуҷраҳои овоздиҳӣ ва ба овоздиҳандагон дахолат манъ аст;
$C) Кафолатҳои асосии овоздиҳии пинҳонӣ ин шиносномаи интихобкунанда мебошад, ки шахсияти ӯро тасдиқ мекунад;
$D) Кафолатҳои асосии овоздиҳии пинҳонӣ мувофиқи қонун муқаррар карда шуда ҳар як интихобкунанда худаш бояд овоз диҳад;
$E) Кафолатҳои асосии овоздиҳии пинҳонӣ муайян намудани шахсияти интихобкунанда мебошад;

**@113.Фарқияти раъйпурсӣ аз интихобот дар чӣ ифода мегардад?**

$A) Раъйпурсӣ ва интихобот ин овоздиҳии умумихалқӣ буда, якум барои ҳалли масъалаи характери аҳамияти муҳими давлатию сиёсӣ ва дуюмин барои интихоби номзад ба вакилӣ ё номзад ба мансаби Президент тааллуқ доранд;

$B) Байни мафҳуми раъйпурсӣ ва мафҳуми интихобот фарқият дида намешавад ва онҳо ҳаммаъноанд;
$C) Раъйпурсӣ ва интихобот ҳаммаъно буда мақсади якумин ва дуюмин интихоби вакилҳои парламент ва сардори давлат мебошад;
$D) Раъйпурсӣ ин маънои интихоботи вакилони парламент ва сардори давлат мебошад;
$E) Раъйпурсӣ ва интихобот овоздиҳии умумихалқӣ буда, бо мақсади дуруст гузаронидани интихоботро ифода менамоянд;

**@114.Кадом намудҳои раъйпурсиро дар мамлакатҳои хориҷӣ медонед?**

$A) Раъйпурсӣ ба раъйпурсии конститутсионӣ ва қонунгузорӣ ҷудо мешавад;
$B) Раъйпурсӣ ба ду намуд – раъйпурсии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷудо мешавад;
$C) Раъйпурсии конститутсионӣ, қонунгузорӣ, машваратӣ, топарламентӣ, баъдипарламентӣ ва бидуни парламентӣ намудҳои алоҳидаи раъйпурсӣ мебошанд;
$D) Раъйпурсӣ ба раъйпурсии конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва топарламентӣ ҷудо мешавад;
$E) Раъйпурсӣ ба намудҳо ҷудо нашуда, як раъйпурсӣ - конститутсионӣ дида мешавад;

**@115.Тавсифи конститутсионии парламентро маънидод намоед?**

$A) Парламент мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ мебошад;
$B) Парламент мақомоти қонунгузорӣ мебошад;
$C) Парламент мақомоти олӣ мебошад;
$D) Парламент мақомоти намояндагӣ мебошад;
$E) Парламент мақоми олии намояндагӣ, қонунгузорӣ ва иҷроия мебошад;

**@116.Барои чӣ парламентро мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ меноманд?**

$A) Барои он, ки парламент дар низоми мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ шомил гардида, аз намояндаи халқ иборат аст ва мувофиқи

принсипи тақсимоти ҳокимият амалӣ гардидани ҳокимияти қонунгузориро ба ўҳда дорад;
$B) Барои он, ки парламент дар низоми ҳокимияти давлатӣ дохил мешавад;
$C) Барои он, ки парламент аз намояндаи халқ иборат мебошад;
$D) Барои он, ки парламент ҳокимияти қонунгузориро ба ўҳда дорад;
$E) Барои он, ки парламент мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, намояндагӣ ва иҷроия мебошад;

**@117.Тартиби ташкил шудани парламент ба кадом омил вобаста аст?**

$A) Ба шакли идоракунии давлатӣ вобастагӣ дорад;
$B) Ба шакли сохти давлатӣ вобастагӣ дорад;
$C) Ба сохтори парламент вобастагӣ дорад;
$D) Ба ҳаҷми салоҳияти парламент вобастагӣ дорад;
$E) Ба реҷаи сиёсӣ вобастагӣ дорад;

**@118.Палатаи поёнии парламент бо кадом тарз ташкил карда мешавад?**

$A) Бо тарзи интихоботи мустақим;
$B) Бо тарзи интихоботи ғайримустақим;
$C) Бо тарзи интихоботи ғайримустақими нисбӣ;
$D) Бо тарзи интихоботи омехта;
$E) Бо низоми интихоботӣ мажоритарӣ;

**@119.Кадом тарзи ташкили парламенти якпалатагиро медонед?**

$A) Танҳо бо роҳи интихоботи ғайримустақим;
$B) Танҳо бо роҳи интихоботи мустақим;
$C) Танҳо бо роҳи интихоботи ғайримустақими нисбӣ;
$D) Ҳам бо тарзи интихоботи мустақим ва ҳам бо тарзи интихоботи ғайримустақим;
$E) Танҳо бо роҳи интихоботи омехта;

**@120.Палатаи болоии парламент бо кадом тарзҳо ташкил карда мешавад?**

$A) Бо роҳи интихоботи мустақим, ғайримустақим, таъйинӣ, меросӣ ва омехта;
$B) Бо роҳи интихоботи мустақим ва ғайримустақим;
$C) Бо роҳи таъйинӣ ва меросӣ;
$D) Бо роҳи омехта;
$E) Бо роҳи интихоботи ғайримустақими нисбӣ;

**@121.Таснифи парламент аз рӯи сохтори парламент чӣ гуна мебошад?**

$A) Парламенти як палатагӣ ва дупалатагӣ;
$B) Парламенти якпалатагӣ;
$C) Парламенти дупалатагӣ;
$D) Парламенти як палатагӣ, ду палатагӣ ва бисёрпалата;
$E) Парламенти як палатагӣ ва бисёрпалатагӣ;

**@122.Таснифи парламент аз рӯи кадом нишонаҳои ҳуқуқӣ амалӣ мегардад?**

$A) Аз рӯи сохтор, ҳаҷми салоҳият ва ҳайати иҷтимоии парламент;
$B) Аз рӯи ҳайати иҷтимоӣ;
$C) Аз рӯи ҳаҷми салоҳият;
$D) Аз рӯи сохтори парламент;
$E) Аз рӯи сохтор ва ҳайати иҷтимоии парламент;

**@123.Сохтори дохилии парламентро муайян намоед?**

$A) Сохтори дохилии парламент аз раиси палатаҳо ё раиси парламент, комиссия ё комитетҳо, фраксияҳои ҳизбӣ ва дар давлатҳои шакли идоракунии парламентӣ дошта, аз контролер ё ревизорҳо иборат мебошад;
$B) Сохтори дохилии парламент аз парламенти як палата ва ду палата иборат мебошад;
$C) Сохтори дохилии парламент аз раиси палатаҳо, комиссия ё комитетҳо, ҳизбҳои сиёсӣ ва дастури парламент иборат мебошад;
$D) Сохтори дохилии парламент аз раис, комиссияҳо ва дастури он иборат мебошад;

$E) Сохтори дохилии парламент аз комиссияҳои доимӣ ва муваққатӣ иборат мебошад;

**@124.Дастури парламент чӣ маъно дорад?**

$A) Дастури парламент ин санади ҳуқуқии он буда, тартиби фаъолияти парламент ва вазъи ҳуқуқии аъзои онро ба танзим медарорад;
$B) Дастури парламентӣ  ин вақти муқарраршудаи иҷлосияи парламент мебошад;
$C) Дастури парламент ин ҳуҷҷати расмии парламент мебошад;
$D) Дастури парламент воҳиди вақтро муайян мекунад;
$E) Дастури парламент фаъолияти комиссия ё комитетҳои парламентро ба танзим медарорад;

**@125.Тартиби фаъолияти парламент чиро ифода мекунад?**

$A) Тартиби фаъолияти парламент иҷлосияҳои парламентро ифода менамояд;
$B) Тартиби ваколати парламентро ифода мекунад;
$C) Тартиби фаъолияти парламент маънои салоҳияти онро дорад;
$D) Тартиби фаъолияти парламент дастури парламентро ифода мекунад;
$E) Тартиби фаъолияти парламент вазифаҳои парламентро ифода мекунад;

**@126.Кадом намудҳои иҷлосияи парламентро медонед?**

$A) Иҷлосияи навбатӣ, ғайринавбатӣ ва фавқулодда;
$B) Иҷлосияи муқаррарӣ ва фавқулодда;
$C) Иҷлосияи фавқулодда ва одӣ;
$D) Иҷлосияи ғайринавбатӣ ва фавқулодда;
$E) Иҷлосияи муқаррарӣ ва навбатӣ;

**@127.Вазъи ҳуқуқии вакили парламентро тавассути кадом истилоҳҳо муқаррар кардан мумкин аст?**

$A) Иммунитет ва индемнитет;

$B) Оптатсия ва экстрадитсия;
$C) Филиатсия ва натурализатсия;
$D) Иммунитет ва натурализатсия;
$E) Экстрадитсия ва экспатриатсия;

**@128.Иммунитети вакил чӣ маъно дорад?**

$A) Иммунитети вакил ба ҷавобгарӣ накашидани ўро ифода мекунад;
$B) Иммунитети вакил дахлнопазирии ў, озодии сухан ва овоздиҳиро ифода менамояд;
$C) Иммунитети вакил овоздиҳии озодро ифода мекунад;
$D) Иммунитети вакил озодии суханро ифода мекунад;
$E) Иммунитети вакил мукофотпулиро ифода мекунад;

**@129.Салоҳияти парламент дар кадом санадҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад?**

$A) Дар Конститутсия, қонуни алоҳида дар бораи парламент ва дастури парламент ё дастури палатаҳои парламент;
$B) Дар Конститутсия ва кодексҳо;
$C) Дар қонститутсия ва дар қонун;
$D) Дар Конститутсия, дар қонун дар бораи интихоботи парламент, қонунҳои алоҳида дар бораи парламент ва дастурҳои парламент;
$E) Дар Конститутсия ва дастурҳои парламент;

**@130.Салоҳияти парламент ба кадом гурўҳҳо ҷудо мешавад?**

$A) Соҳаи қонунгузорӣ, соҳаи иқтисодиёт ва молия, соҳаи судӣ, сиёсати берунӣ, соҳаи назорат ба фаъолияти ҳукумат (дар давлатҳои шакли идоракунии (парламентӣ) ва ғ.;
$B) Соҳаи қонунгузорӣ, молия ва буҷа ва сиёсати берунӣ;
$C) Соҳаи қонунгузорӣ, иқтисодиёт, тараққиёти хоҷагии халқ ва кишоварзӣ;
$D) Соҳаи дохилӣ ва берунӣ, байни давлатӣ ва байни созмонҳои байналмилалӣ;
$E) Соҳаи қонунгузорӣ, соҳаи идоракунии давлатӣ ва сиёсати хориҷӣ;

**@131.Даврaҳои асосии қонунгузорӣ кадомҳоянд?**

$A) Пешниҳоди лоиҳаи қонун, муҳокимаи лоиҳаи қонун, қабули лоиҳаи қонун, тасдиқи лоиҳаи қонун ва нашри он;
$B) Омода намудани лоиҳаи қонун, пешниҳоди лоиҳаи қонун, муҳокимаи лоиҳаи қонун ва қабули лоиҳаи қонун;
$C) Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, қабули лоиҳаи қонун, тасдиқи лоиҳаи қонун ва нашри лоиҳаи қонун;
$D) Пешниҳоди лоиҳаи қонун, қабули лоиҳаи қонун, хониши якум ва хониши дуюм ва қабули лоиҳаи қонун;
$E) Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, қабули лоиҳаи қонун ва нашри лоиҳаи қонун;

**@132.Субъектҳои асосии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар парламент муайян намоед.**

$A) Президент, ҳукумат ва парламент;
$B) Сардори давлат, президент, ҳукумат, вакилони парламент;
$C) Ҳукумат ва аъзои парламент;
$D) Ҳукумат, парламент ва мақомоти назорати конститутсионӣ;
$E) Президент ва парламент;

**@133.Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ кадом мафҳумҳои сардори давлат мавҷуд аст?**

$A) Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мафҳуми сардори давлат дар ду маъно – сардори давлат ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳамчун шахси мансабдори расмии давлатӣ баррасӣ мегардад;
$B) Сардори давлат ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки онҳо асосҳои сохтори давлатӣ ва ҷамъиятиро мустаҳкам мекунанд;
$C) Сардори давлат шахси мансабдор мебошад;
$D) Сардори давлат ҳам шахси мансабдор ва ҳам шахси расмӣ мебошад;
$E) Сардори давлат ин мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад;

**@134.Мафҳуми сардори давлатро ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ маънидод намоед?**

$A) Сардори давлат ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки онҳо накш ва мақоми сардори давлат, тартиби волиаҳдӣ ё низоми интихоботи сардори давлат, имтиёз, дахлнопазирӣ ва ҷавобгарии сардори давлат ва салоҳияти ӯро мустаҳкам менамоянд;
$B) Сардори давлат ин шахси мансабдори расмии давлатиро мегӯянд, ки ӯ тавассути тартиби валиаҳдӣ ё интихобот онро ишғол намуда ва доираи муқаррароти қонун ваколатҳои муайянеро иҷро менамояд;
$C) Сардори давлат ин шахси олии расмии давлатиро мегӯянд, ки ӯ ҳам сардори давлат ва ҳам сардори ҳукумат мебошад;
$D) Сардори давлат ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошанд, ки онҳо шахси мансабдори давлатӣ будани ӯро тасдиқ мекунанд;
$E) Сардори давлат ин кафили Конститутсия, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мебошад;

**@135.Мафҳуми сардори давлатро ҳамчун шахси олии мансабдори расмии давлатӣ маънидод намоед.**

$A) Сардори давлат ҳамчун шахси олии мансабдори расмии давлатие мебошад, ки ӯ тавассути тартиби валиаҳдӣ ё низоми интихобот ба ин мансаб соҳиб гардида ва дар доираи муқаррароти қонун ваколатҳои муайянро доро мебошад;
$B) Сардори давлат ҳамчун шахси мансабдори расмии давлатӣ ин падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад;
$C) Сардори давлат ин президентро мегӯянд, ки ӯ ҳам президент ва сарвари давлат мебошад;
$D) Сардори давлат ин шахси мансабдореро мегӯянд, ки ҳам президент ва ҳам раиси ҳукумат мебошад;
$E) Сардори давлат ин падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ буда, вазъи ҳуқуқиашро муайян мекунад;

**@136.Намудҳои сардори давлат кадомҳоянд?**

$A) Монарх, Президент ва мақомоти дастҷамъӣ;
$B) Монарх ва президент;
$C) Монарх, император, султон ва амир;
$D) Монарх ва мақомоти дастҷамъӣ;

$E) Мақомоти якка ва дастҷамъӣ;

**@137.Президент ҳамчун сардори давлат дар кадом шакли идоракунӣ дида мешавад?**

$A) Танҳо дар шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ президентӣ, парламентӣ ва омехта);
$B) Танҳо дар шакли идоракунии ҷумҳурии парламентӣ;
$C) Танҳо дар шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ;
$D) Танҳо дар шакли идоракунии ҷумҳуриявии омехта;
$E) Танҳо дар шакли идоракунии монархияи интихобӣ;

**@138.Дар кадом ҳолат мақомоти дастҷамъӣ вазифаи сардори давлатро иҷро менамояд?**

$A) Дар ҳолате, ки ворисит тахту тоҷ ноболиғ ё вазифаашро иҷро карда натавонад, ё ҳангоми табадуллоти давлатӣ то интихоб ё таъйин намудани мақомоти давлатӣ (шӯрои револютсионӣ ё шӯрои давлатӣ), аммо ба истисноии баъзе давлатҳо (Малайзия, Муттаҳидаи Аморати Араб) мақомоти дастҷамъӣ характери муваққатӣ дорад;
$B) Дар ҳолате, ки ягон нафар номзад ба президентӣ ба ин вазифа интихоб намешавад;
$C) Дар ҳолате, ки валиаҳди тахту тоҷ мавҷуд набошад;
$D) Дар ҳолате, ки мақомоти давлатӣ вазифаҳои гуногунро иҷро намояд;
$E) Дар ҳолате, ки дар кишвар Конститутсияи нав қабул нашуда бошад;

**@139.Вазъи ҳуқуқии монарх ҳамчун сардори давлатӣ ба кадом омили асосӣ вобастагӣ дорад?**

$A) Ба навъҳои шакли  идоракунӣ вобастагӣ дорад;
$B) Ба сохти шакли идоракунӣ вобастагӣ дорад;
$C) Ба реҷаи сиёсӣ ва шакли сохти давлатӣ вобастагӣ дорад;
$D) Ба шакли идоракунии монархияи том вобастагӣ дорад;
$E) Ба шакли идоракунии монархияи конститутсионӣ (маҳдуд) вобастагӣ дорад;

**@140.Вазъи ҳуқуқии президент ба кадом омили асосӣ вобастагӣ дорад?**

$A) Ба навъҳои шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ вобастагӣ дорад;
$B) Ба навъҳои шакли идоракунии монархия вобастагӣ дорад;
$C) Ба навъҳои шакли идоракунии монархияи конститутсионӣ (маҳдуд) вобастагӣ дорад;
$D) Ба навъҳои шакли омехтаи идоракунӣ вобастагӣ дорад;
$E) Ба таърихи пайдоиши шакли идоракунӣ вобастагӣ дорад;

**@141.Кадом низоми валиаҳдиро медонед?**

$A) Низоми солидӣ, кастилӣ, австриягӣ ва шведӣ;
$B) Низоми солидӣ, солидии мутлақ ва кастилӣ;
$C) Низоми солидӣ, кастилӣ ва омехта;
$D) Низоми парламентӣ, ҳукуматӣ ва судӣ;
$E) Низоми солидӣ, кастилӣ ва олмонӣ;

**@142.Мазмуни низоми солидиро ошкор намоед?**

$A) Тавассути ин низом танҳо ворисони ҷинси мард ҳуқуқи соҳиби тахту тоҷро дошта, ворисони ҷинси зан аз ин ҳуқуқ маҳруманд;
$B) Тавассути ин низом ҳар як вориси монарх ҳуқуқи ишғол намудани тахту тоҷро дорад;
$C) Тавассути ин низом ҳам ворисони ҷинси мард ва ҳам ҷинси зан ҳуқуқи ворисии тахту тоҷро доранд, аммо афзалият ба вориси ҷинси мард дода мешавад;
$D) Тавассути ин низом ворисони ҷинси зан танҳо ҳуқуқи ишғол кардани тахту тоҷро доранд, агар вориси ҷинси мард набошад;
$E) Тавассути ин низом ҳама ворисон ҳуқуқи ворисии тахту тоҷро дорад;

**@143.Мазмуни низоми кастилиро ошкор намоед?**

$A) Тавассути ин низом ворисони ҷинси зан дар баробари ворисони ҷинси мард ҳуқуқи ворисии тахту тоҷро доранд, вале афзалият ба вориси ҷинси мард дода мешавад;

$B) Тавассути ин низом танҳо ворисони ҷинси мард ҳуқуқ доранд вориси тахту тоҷ бошанд;
$C) Тавассути ин низом занҳо ҳуқуқи ворисии тахту тоҷро надоранд;
$D) Тавассути ин низом мардҳо ҳуқуқи ворисии тахту тоҷро надоранд;
$E) Тавассути ин низом фарзандҳои ноболиғ вориси тахту тоҷро надоранд;

**@144.Мазмуни низоми австриягиро ошкор намоед?**

$A) Тавассути ин низом ворисони ҷинси зан танҳо дар ҳолате ҳуқуқи ворисии тахту тоҷро пайдо карда метавонанд, агар вориси бевосита ва бавоситаи ҷинси мард набошанд;
$B) Тавассути ин низом танҳо ҷинси мард ҳуқуқи ворисии тахту тоҷ буда занҳо аз ин ҳуқуқ маҳруманд;
$C) Тавассути ин низом ҳамаи занҳо ва мардҳо ҳуқуқи ворисии тахту тоҷро доранд;
$D) Тавассути ин низом мардҳо наметавонанд ҳуқуқи ворисии тахту тоҷро дошта бошанд;
$E) Тавассути ин низом хешу табори монарх метавонанд вориси тахту тоҷ бошанд;

**@145.Низоми интихоботии бевоситаи президентӣ чӣ маъно дорад?**

$A) Мувофиқи ин низом интихобкунандагон коллегияи интихобкунандагонро интихоб менамоянд, коллегияи интихобкунандагон бошад президентро интихоб менамоянд;
$B) Мувофиқи ин низом интихобкунандагон бевосита ба номзадии президент овоз медиҳанд;
$C) Мувофиқи ин низом интихобкунандагон тавассути намояндаҳои худ президентро интихоб менамоянд;
$D) Мувофиқи ин низом президентро бо пешниҳоди ҳукумат парламент интихоб мекунад;
$E) Мувофиқи ин низом президентро аъзоёни парламент бо ҳамроҳии мушовирони мақомоти худидоракунӣ интихоб менамоянд;

**@146.Низоми интихоботи нисбии президент чӣ маъно дорад?**

$A) Мувофиқи ин низом Президентро халқ интихоб мекунад;
$B) Мувофиқи ин низом Президентро интихобкунандагон интихоб менамоянд;
$C) Мувофиқи ин низом интихобкунандагон коллегияи интихобкунандагонро интихоб мекунанд, ва баъдан коллегияи интихобкунандагон Президентро интихоб мекунад;
$D) Мувофиқи ин низом парламент бо мувофиқа бо мақомоти назорати конститутсионӣ президентро интихоб мекунад;
$E) Мувофиқи ин низом Президентро Ҳукумат бо розигии парламент интихоб мекунад;

**@147.Низоми интихоботи бевоситаи парламентии президент чӣ маъно дорад?**

$A) Мувофиқи ин низом дар давлатҳое, ки шакли идоракуниаш президентӣ аст, президентро парламент интихоб мекунад;
$B) Мувофиқи ин низом ҳуқуқи интихоботии фаъолро оид ба интихоботи президент танҳо аъзои парламент дорад;
$C) Мувофиқи ин низом президентро бо иштироки парламент халқ интихоб мекунад;
$D) Мувофиқи ин низом президентро воҳидҳои марзию маъмурӣ интихоб мекунад;
$E) Мувофиқи ин низом президентро аъзоёни ҳукумат интихоб мекунад;

**@148. Кадом асосҳои пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати Президентро медонед?**

$A) Истеъфо ва исбот гардидани гунаҳкории ӯ (импичмент);
$B) Истеъфо ва аз вазифа рафтан;
$C) Истеъфо ва фавтидани президент;
$D) Истеъфо ва доғи судӣ;
$E) Истеъфо ва надонистани забони давлатӣ;

**@149.Таснифи дурусти сардори давлатро ёбед?**

$A) Салоҳияти сардори давлатро ба 4-гурӯҳ ҷудо мекунанд, дар соҳаи қонунгузорӣ, дар соҳаи идоракунии давлатӣ, дар сиёсати берунӣ ва дигар салоҳияти сардори давлат;

$B) Салоҳияти сардори давлат ба ду намуд - асосӣ ва ғайриасосӣ ҷудо карда мешавад;
$C) Салоҳияти сардори давлат ба се гурӯҳ ҷудо карда мешавад: асосӣ, конститутсионӣ ва ғайриконститутсионӣ;
$D) Салоҳияти сардори давлатро тасниф намекунанд;
$E) Салоҳияти сардори давлат аз ваколатҳои алоҳида ва омехта иборат мебошад;

**@150.Дар соҳаи қонунгузорӣ сардори давлат кадом ваколатҳоро дорад?**

$A) Тасдиқи лоиҳаи қонун, ҳуқуқи ветаи сардори давлат, даъват намудани иҷлосияи парламент, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба парламент, пароканда кардани парламент (дар кишварҳои парламентӣ) ва дар доираи салоҳият қабули санадҳои ҳуқуқӣ;
$B) Ташкили ҳукумат, таъйин ва озод намудани вазирон, таъсис ва барҳам додани сохторҳои ҳукуматӣ;
$C) Ташкили интихоботи парламент, ташкили ҳукумат ва пароканда кардани ҳукумат;
$D) Тасдиқи лоиҳаи қонунҳо, вето гузоштан ба онҳо, пароканда кардани парламент, таъйин ва озод намудани аъзоёни парламент;
$E) Тасдиқи лоиҳаи қонунҳо ва ташкили ҳукумат;

**@151.Дар соҳаи идоракунии давлатӣ кадом ваколатҳоро сардори давлат дорад?**

$A) Ташкили ҳукумат ва қабули истеъфои он, таъйин ба вазифаҳои шаҳрвандӣ ва ҳамчун сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳ таъйин ба вазифаҳои мақоми олӣ дошта ва додани унвонҳои олии ҳарбӣ;
$B) Ташкили ҳукумат, қабули меҳмонони хориҷӣ ва бастани шартномаҳои байналхалқӣ;
$C) Ташкили ҳукумат, пароканда кардани парламент ва мақоми ҳокимияти судӣ;
$D) Таъйини вазирон ва барҳам додани вазоратҳо;
$E) Тасдиқи лоиҳаи қонунҳо ва нашрияҳои давлатӣ, истеъфои ҳукумат;

**@152.Дар соҳаи сиёсати хориҷӣ сардори давлат кадом ваколатҳоро ба ўҳда дорад?**

$A) Бастан ва бекор кардани шартномаҳои байналхалқӣ, таъйин ва бозхонди намояндагони дипломатӣ ва қабул намудани намояндаҳои дипломатӣ дар кишвари худ, сафарҳои расмӣ ба кишварҳои хориҷӣ, иштирок дар форумҳои гуногуни байналмилалӣ;

$B) Тасдиқи лоиҳаи қонунҳои байналхалқӣ, таъйин намудани аъзоёни парламенти хориҷӣ;
$C) Бастани шартномаҳои хариду фурўш, шартномаҳои меҳнатӣ ва хоҷагии кишоварзӣ;
$D) Бастани шартномаҳои байналмилалӣ, хариду фурўш, мерос, иштирок дар форумҳои гуногуни байналмилалӣ ва дохили давлатӣ;
$E) Таъйин ва бозхондани намояндаҳои дипломатӣ ва дохилидавлатӣ, бастан ва бекор кардани аҳдҳои шаҳрвандӣ;

**@153.Ҳукумат ба амал баровардани кадом шохаи ҳокимиятро ба ўҳда дорад?**

$A) Ҳокимияти иҷроияро;
$B) Ҳокимияти қонунгузориро;
$C) Ҳокимияти судиро;
$D) Ҳокимияти иҷроия ва қонунгузориро;
$E) Ҳокимияти қонунгузорӣ ва судиро;

**@154.Мавқеи Ҳукуматро дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ кадом омилҳо муайян менамояд?**

$A) Муайян намудани муносибати ҳукумат бо парламент, сардори давлат, мақомоти назорати конститутсионӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ;
$B) Муайян намудани муносибати ҳукумат ва парламент;
$C) Муайян намудани муносибати ҳукумат бо сардори давлат;
$D) Муайян намудани муносибати ҳукумат бо мақомоти назорати конститутсионӣ;
$E) Муайян намудани муносибати ҳукумат бо ҳизбҳои сиёсӣ;

**@155.Муносибати байни ҳукумат бо парламент дар кадом ҳолатҳо ба вуҷуд меояд?**

$A) Дар ҷараёни ташкили ҳукумат (дар давлатҳои парламентӣ), ҳангоми истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, назорати парламентӣ ба фаъолияти ҳукумат (дар давлатҳои парламентӣ) ва изҳори вотуми нобоварӣ;
$B) Танҳо дар ҷараёни ташкили ҳукумат;
$C) Дар мавриди ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба парламент;
$D) Ҳангоми изҳори вотуми нобоварӣ нисбати Ҳукумат;
$E) Ҳангоми амалӣ гардонидани назорати парламентӣ ба фаъолияти Ҳукумат;

**@156.Муносибати байни Ҳукумат ва сардори давлатро муайян намоед?**

$A) Ҳангоми ташкили Ҳукумат, қабули истеъфои ҳукумат ё аъзои алоҳидаи он, ҳисоботи Ҳукумат ё аъзои алоҳидаи он дар назди сардори давлат (ҷумҳурии президентӣ);
$B) Ҳангоми қабули истеъфои Ҳукумат;
$C) Ҳангоми ташкили Ҳукумат;
$D) Ҳангоми шунидани ҳисоботи Ҳукумат;
$E) Ҳангоми пароканда кардани парламент;

**@157.Муносибати байни Ҳукумат ва мақомоти назорати конститутсиониро муайян намоед?**

$A) Дар ҷараёни интихоб (таъйин) ва бозхонди аъзои мақомоти назорати конститутсионӣ, инчунин ҳангоми аз тарафи мақомоти назорати конститутсионӣ санҷидани санадҳои ҳуқуқии ҳукумат;
$B) Дар ҷараёни интихоби судяҳои Суди конститутсионӣ иштирок намудани Ҳукумат ва бозхонди он;
$C) Дар ҷараёни баҳодиҳии санадҳои ҳукумат аз тарафи Суди конститутсионӣ;
$D) Ҳангоми шунидани ҳисоботи ҳукумат аз тарафи Суди конститутсионӣ;
$E) Ҳангоми бекор кардани санадҳои Суди конститутсионӣ бо қарори Ҳукумат;

**@158.Тарзҳои ташкили Ҳукуматро муайян созед?**

$A) Дар мамлакатҳои хориҷӣ ду тарзи ташкилёбии Ҳукумат - парламентӣ ва ғайрипарламентӣ мавҷуд аст;
$B) Дар мамлакатҳои хориҷӣ ду тарзи ташкилёбии ҳукумат дида мешавад, яъне тарзи президентӣ ва парламентӣ;
$C) Дар мамлакатҳои хориҷӣ як тарзи ташкилёбии Ҳукумат-парламентӣ мавҷуд аст;
$D) Дар мамлакатҳои хориҷӣ ду тарзи ташкилёбии Ҳукумат – ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ дида мешавад;

$E) Дар мамлакатҳои хориҷӣ Ҳукуматро сардори давлат ташкил медиҳад;

**@159.Ҳайати Ҳукумат дар мамлакатҳои хориҷӣ чӣ гуна аст?**

$A) Ҳайати ҳукумат аз сарвазир, муовини аввали сарвазир, вазирон ва Раисони кумитаи давлатӣ иборат мебошанд;
$B) Ҳайати ҳукуматро сарвазир, вазирон ва вазирони бевазифа ташкил мекунанд;
$C) Ҳайати Ҳукумат аз Президент, сарвазир ва вазирон иборат аст;
$D) Ҳайати Ҳукумат аз Президент ва сарвазир иборат аст;
$E) Ҳайати Ҳукумат аз вазирон ва раисони кумитаи давлатӣ иборат аст;

**@160.Тартиби таъин намудани сарвазирро дар давлатҳое, ки шакли идоракунии парламентиро доранд, муайян намоед?**

$A) Ҳамчун қоида роҳбари ҳизби ғолиб дар интихоботи парламент сарвазир таъйин карда мешавад;
$B) Шахсе, ки дар интихоботи Президент ғалаба ба даст овард сарвазир таъйин карда мешавад;
$C) Ҳамчун қоида Президент раиси Ҳукумат ба ҳисоб меравад;
$D) Ҳамчун қоида ноиби президент сарвазир ба ҳисоб меравад;
$E) Ҳамчун қоида аз намояндаи ягон ҳизби сиёсӣ сарвазирро таъйин менамоянд;

**@161.Тартиби таъйин намудани Раиси Ҳукумат дар давлатҳои шакли идоракуниашон президентӣ чӣ гуна аст?**

$A) Шахсе, ки дар интихоботи Президент ғалаба карда сардори давлат интихоб шавад, дар як вақт Раиси Ҳукумат низ ба ҳисоб меравад;
$B) Ҳамчун қоида Раиси Ҳукуматро Президент таъйин мекунад;
$C) Ҳамчун қоида роҳбари ҳизби ғолиб Раиси Ҳукумат ба ҳисоб меравад;
$D) Шахсе, ки Раиси парламент интихоб шавад, дар як вақт низ Раиси Ҳукумат ҳисобида мешавад;
$E) Сардори давлат дар як вақт Раиси Ҳукумат мебошад;

**@162.Вазири бевазифа чӣ гуна мансаб аст?**

$A) Вазири бевазифа гуфта ёрдамчии Сарвазирро мегӯянд, ки ӯ на як самти муайянро ба иҷро мерасонад, балки супоришҳои Сарвазирро иҷро менамояд;
$B) Вазири бевазифа гуфта шахсеро мегӯянд, як самти муайянро роҳбарӣ менамояд;
$C) Вазири бевазифа гуфта муовини вазирро мегӯянд;
$D) Вазири бевазифа гуфта сарвазирро дар назар доранд, ки ӯ роҳбари бевоситаи Ҳукумат намебошад;
$E) Вазири бевазифа гуфта ёрдамчии аввали Президентро мегӯянд;

**@163.Салоҳияти Ҳукуматро кадом санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба танзим медароранд?**

$A) Конститутсия ва қарори Ҳукумат;
$B) Конститутсия;
$C) Конститутсия ва қонунҳои парламент;
$D) Конститутсия ва қонуни алоҳида оид ба вазъи ҳуқуқии Ҳукумат;
$E) Конститутсия ва қонунҳои интихобот;

**@164.Салоҳияти Ҳукумат аз кадом ваколатҳо иборат аст?**

$A) Салоҳияти Ҳукумат вобаста ба самтҳои алоҳидаи фаъолияташ ба соҳаи қонунгузорӣ, идоракунии давлатӣ, иқтисодиёт ва молия, амният ва мудофиа, сиёсати берунӣ ва ғ. ҷудо мешаванд;
$B) Салоҳияти Ҳукумат ба ду гурӯҳи ваколатҳо – қонунгузорӣ ва идоракунии давлатӣ ҷудо мешавад;
$C) Салоҳияти Ҳукуматро ба ду гурӯҳ – ваколатҳои сиёсати дохилӣ ва ваколатҳои сиёсатӣ хориҷӣ ҷудо менамоянд;
$D) Салоҳияти Ҳукуматро ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намекунанд, онҳо дар маҷмӯъ аз ваколатҳо иборат аст;
$E) Салоҳияти Ҳукумат танҳо дар як соҳа-қонунгузорӣ мавҷуд аст;

**@165.Мафҳуми идоракунии маҳаллиро маънидод намоед?**

$A) Идоракунии маҳаллӣ гуфта идоракунии корҳои ҷамъиятиро меноманд, ки онро мақомоти маҳаллии идоракунӣ ба амал мебарорад;
$B) Идоракунии маҳаллӣ гуфта идоракунии корҳои аҳамияти маҳаллӣ доштаро меноманд, ки онро мақомоти интихобӣ дар воҳидҳои алоҳидаи марзию маъмурӣ амалӣ мегардонанд;
$C) Идоракунии маҳаллӣ гуфта идоракунии давлатиеро меноманд, ки онро мақомоти марказӣ дар маҳал ҳаллу фасл менамояд;
$D) Идоракунии маҳаллӣ идоракуниест, ки онро аз марказ роҳбарӣ менамояду дар маҳал ҷамъбаст карда мешавад;
$E) Идоракунии маҳаллӣ гуфта идоракунии корҳои давлатию ҷамъиятиро меноманд;

**@166.Дар маҳал кадом намудҳои мақомот фаъолият мекунанд?**

$A) Дар маҳал ду намуди мақомот – мақомоти худидоракунӣ ва мунисипалистӣ дида мешавад;
$B) Дар маҳал танҳо як намуди мақомот – мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дида мешавад;
$C) Дар маҳал ду намуди мақомот – мақомоти идоракунӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дида мешавад;
$D) Дар маҳал як намуди мақомот – мақомоти маҳаллӣ дида мешавад;
$E) Дар маҳал ду намуди мақомоти маҳаллӣ – мақомоти идоракунии маҳаллии миёна ва хурд дида мешавад;

**@167.Хусусиятҳои асосии фарқкунандаи мақомоти маҳаллии худидоракунӣ кадомҳоянд?**

$A) Интихобӣ будани онҳо ва роҳбарии мустақилонаи корҳои аҳамияти маҳал дошта;
$B) Интихобӣ будани онҳо ва тобеияти бевосита ба марказ;
$C) Ҳисоботдиҳанда будани онҳо ба мақомоти марказӣ ва роҳбарии бевоситаи марказ нисбати мақомоти маҳаллии худидоракунӣ;
$D) Дар назди мақомоти марказӣ масъул будани мақомоти маҳаллӣ;
$E) Ҳуқуқ доштан ба пароканда кардани мақомоти маҳаллӣ;

**@168.Низоми мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аз рӯи кадом омилҳо муайян карда мешаванд?**

$A) Аз рӯи принсипи интихобӣ будани мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;
$B) Аз рӯи методҳои идоракунии худидораи маҳаллӣ;
$C) Аз рӯи тақсимоти марзию маъмурӣ;
$D) Аз рӯи ҷойгиршавии аҳолӣ;
$E) Аз рӯи дараҷаи инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии маҳал;

**@169.Объекти ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ кадомњо мебошанд?**

**$A)** Объекти ҳуқуқи байналхалқии оммавӣ – муносибатҳои байналхалқӣ (асосан муносибатҳои байнидавлатию ҳокимиятӣ) мебошанд;

**$B)** Дар ҳуқуқи байналхалқии оммавӣ методи махсуси ҳуқуқӣ – созиши иродаи кишварҳо асосан истифода мегардад;

**$C)** қонунгузории миллӣ, одатҳои тиҷоратӣ, шартномаи байналхалқӣ, амсоли судӣ баромад мекунанд;

**$D)** Ҳуқуқи байналхалқии оммавӣ қонунгузории миллӣ ва амсоли судиро ба ҳайси сарчашма намепазирад;

$E) Объекти ҳуқуқии байналхалқии хусусӣ асосан шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд. Объекти ҳуқуқи байналхалқии оммавӣ давлату ташкилотҳои байналхалқии байниҳукуматӣ, халқу миллатҳои озодихоҳ, шаҳрҳои давлатмонанд;

**@170.Субъекти ҳуқуқии байналхалқии хусусӣ?**

$A) асосан шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд;

$B) муносибатҳои гражданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва мурофиаи гражданӣ бо унсури хориҷӣ;

$C) қонунгузории миллӣ, одатҳои тиҷоратӣ, шартномаи байналхалқӣ, амсоли судӣ;

$D) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;

$E) предмет, соҳа ва функсияи ҳуқуқи байналмилалӣ;

**@171.Объекти ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ?**

$A) муносибатҳои гражданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва мурофиаи гражданӣ бо унсури хориҷӣ;

$B) асосан шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

$C) қонунгузории миллӣ, одатҳои тиҷоратӣ, шартномаи байналхалқӣ, амсоли судӣ;

$D) асосан методи коллизионӣ ва моддӣ;

$E) қаламрави дохилидавлатӣ;

**@172.Сарчашмаи ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ?**

**$A)** қонунгузории миллӣ, одатҳои тиҷоратӣ, шартномаи байналхалқӣ, амсоли судӣ;

**$B)** асосан шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд;

**$C)** муносибатҳои гражданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва мурофиаи гражданӣ бо унсури хориҷӣ;

**$D)** ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;

$E) Принсипи истифода набурдани қувва ва таҳдиди қувва;

**@173.Низоми ҳуқуқи байналхалқӣ дарбаргирандаи чанд унсур мебошад?**

**$A) 4;**

**$B) 2;**

**$C) 3;**

**$D) 5;**

**$E) 6;**

**@174.Унсурҳои низоми ҳуқуқи байналхалқиро номбар кунед?**

**$A)** меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, принсипҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ, падидаҳои (институтҳои) ҳуқуқи байналхалқӣ, соҳаҳои

ҳуқуқи байналхалқӣ;

**$B)** меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, принсипҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ;

**$C)** падидаҳои (институтҳои) ҳуқуқи байналхалқӣ, соҳаҳои ҳуқуқи байналхалқӣ;

**$D)** принсипҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ, падидаҳои (институтҳои) ҳуқуқи байналхалқӣ, соҳаҳои ҳуқуқи байналхалқӣ;

$E) расмӣ ва ғайри расмӣ;

**@175.Меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ аз рӯи доираи амалкуниашон тақсим мешаванд ба________?**

**$A)** ба меъёри универсалӣ ва локалӣ;

**$B)** ба диспозитивӣ ва императивӣ;

**$C)** ба меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ;

**$D)** ба меъёрҳои ҳифзкунанда ва танзимкунанда;

$E) аз тарафи олимони алоҳида ё ин ки коллективҳои онҳо ба амал бароварда шудааст;

**@176.Меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқ бо тарзи ба танзимдории ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ тақсим мешаванд ба_____?**

**$A)** ба диспозитивӣ ва императивӣ;

**$B)** ба меъёри универсалӣ ва локалӣ;

**$C)** ба меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ;

**$D)** ба меъёрҳои ҳифзкунанда ва танзимкунанда;

$E) мусоидат кардан ба мӯътадилии муносибатҳои байналхалқӣ, мусоидат ба инкишофи ҳуқуқи байиалхалқӣ;

**@177.Меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ аз рӯи намуд тақсим мешаванд ба________?**

**$A)** ба меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ;

**$B)** ба меъёри универсалӣ ва локалӣ;

**$C)** ба диспозитивӣ ва императивӣ;

**$D)** ба меъёрҳои ҳифзкунанда ва танзимкунанда;

$E) принсипи ба таври осоишта ҳал кардани баҳсҳои байналхалқӣ принсипи вайрон накардани сарҳади давлатӣ;

**@178.Конвенсияи Вена «Дар бораи муносибатҳои дипломат ива консулӣ» кай қабул гардидааст?**

**$A)** солҳои 1961-1963;

**$B)** солҳои 1962-1964;

**$C)** солҳои 1962-1963;

**$D)** солҳои 1963-1965;

$E) солҳои 1963-1966;

**@179.Инкорпоратсия чист?**
$A) шакли ба низомдарории ҳуқуқ;
$B) шакли аз байнбарии ҳуқуқ;
$C) шакли қабулкунии ҳуқуқ;
$D) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$E) дар татбиқи воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ бо таъсиррасонӣ ба муносибатҳои байналхалқӣ ифода мегардад;

**@180.Кодификатсия чист?**

$A) меьёрҳои амалкунандаи ҳуқуқи байналхалқиро ба як низоми

ягона дароварда, ба онҳо тавсияти аниқ медиҳад;

**$B)** принсипҳои амалкунандаи ҳуқуқи байналхалқиро ба як низоми ягона дароварда, ба онҳо тавсияти аниқ медиҳад;

$C) қонунҳои амалкунандаи ҳуқуқи байналхалқиро ба як низоми ягона дароварда, ба онҳо тавсияти аниқ медиҳад;

$D) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

$E) универсалӣ ва минтақавӣ;